Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№28 (12562)
16 июли
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ







Ифтитоҳи иншоот дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

8 июл зимни сафари корӣ ба ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи корхонаи истеҳсоли орд барои макарон дар назди ҶДММ «Ирода Инвест» иншооти таъйиноти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва саноатиро ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти корхонаи ҶДММ «Суғдроҳсоз» дар деҳоти Ғозиён оғоз бахшиданд.

Корхонаи мазкур бо технологияи муосир муҷаҳҳаз буда, ба истеҳсоли асфалт, бетон, регу шағал машғул аст. Иқтидори истеҳсолии он дар як соат то 120 тонна асфалт, 120 метри мукааб бетон ва 80 тонна регу шағалро ташкил медиҳад.

Дар ин ҷо 50 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, маҳсулоти корхона барои бунёду таҷдиди роҳҳои шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд истифода хоҳад шуд.

Ҳамзамон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тариқи фосилавӣ корхонаи истеҳсоли хишти ҶДММ «Шарифов Н»-ро дар деҳоти ба номи Додобой Холматов мавриди истифода қарор доданд.

Иншооти нави саноатӣ дар як моҳ то 700 ҳазор дона хишт истеҳсол мекунад. Дар марҳалаи аввал 30 нафар соҳиби кори доимӣ гардида, бо зиёд шудани истеҳсолот шумораи онҳо боз ҳам афзоиш хоҳад ёфт. Ба истифода додани корхона имконият медиҳад, ки талаботи бозори дохилӣ ба масолеҳи сохтмонӣ беҳтар таъмин гардад.

Иншооти дигаре, ки ба таври фосилавӣ мавриди бахрабардорӣ қарор дода шуд, муассисаи таҳсилоти томактабии №11 дар деҳоти Унҷӣ мебошад. Бинои кӯдакистон барои фарогирии 300 кӯдак пешбинӣ гардида, бо шароити муосири таълиму тарбия, толори варзиш, ҳуҷраҳои омӯзишу истироҳат ва майдончаҳои бозӣ таъмин мебошад.

Зимни муаррифии иншооти мазкур дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин ҷиҳати густариши корҳои ободониву созандагӣ бахшида ба чашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дастуру тавсияҳо доданд.

www.president.tj

ДАР ИН ШУМОРА

2 Фаъолияти вазорат густариш меёбад



5 Нақши Тоҷикистон дар пешбурди рӯзномаи байналмилалии сулҳ

7 Марҳалаҳои пешрафт: қадам ба қадам

9 Тарбияро аз кадом синну сол бояд оғоз кард?

10 Истироҳат, омӯзиш ва рушди қобилиятҳо

11 Истифодаи технологияҳои муосир дар дарс

ТАВАҶҶУҲ

Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.

QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram.

FACEBOOK TELEGRAM

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Он, ки айби ту гуфт, ёри туст
В-он ки пӯшида дошт, мори ту ӯст.
Рукнидддини Авҳадӣ

НАТИҶАГИРӢ



Фаъолияти вазорат густариш меёбад

14 июли соли 2026 дар толори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №14-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ҷаласаи ҳайати мушоваравии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорат дар нимсолаи якуми соли 2026 ва муайян намудани вазифаҳо то охири сол» баргузор гардид.

Дар кори ҷаласа муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, муовини якум ва муовинони вазир, намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, сардорони сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ректорону директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, инчунин, директорони муассисаҳои таълимии ҷумҳуриявӣ ва Президентӣ иштирок намуданд.



Вазири маориф ва илм вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар нимсолаи якуми соли 2026 маърӯза намуда, аз дастовардҳои соҳа, раванди татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти маориф ва илм, иҷрои барномаҳои давлатӣ ва тадбирҳои амалишуда ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди инфрасохтори соҳа ва беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ёдовар гардид. Таъкид карда шуд, ки бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб ёфта, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, омода намудани мутахассисони баландихтисос ва фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия тадбирҳои судманд амалӣ мегарданд.

Дар ҷараёни ҷаласа натиҷаҳои фаъолияти соҳа дар нимсолаи якуми соли 2026 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, масъалаҳои марбут ба татбиқи барномаҳои давлатӣ, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибтахассус, рушди инфрасохтори соҳа ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда баррасӣ гардиданд.

Дар қисмати музокираҳо ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Х. Назарзода, сардори раёсати маорифи шаҳри Ваҳдат З. Нарзуллозода ва директори Маркази таълимии занон «Сарвар» Н. Содиқӣ суханронӣ намуда, вобаста ба масъалаҳои мубрами соҳа ва роҳҳои такмили фаъолияти минбаъда пешниҳодҳои мушаххас ироа намуданд.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ зимни суханронӣ ҷиҳати иҷрои босифати дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, таҳкими масъулияти роҳбарону кормандони соҳа ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои пешбинишуда то охири соли ҷорӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Дар ҷаласа лоиҳаи қарори ҳайати мушовара бо дарназардошти пешниҳодҳои иштирокдорон қабул гардида, вазифаҳои асосии соҳа барои давраи минбаъдаи соли 2026 муайян карда шуданд.

Вазири маориф ва илм зимни ҷамъбасти ҷаласа таъкид намуд, ки аҳли маорифи кишвар дар остонаи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, вазифадоранд фаъолияти худро ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, тақвияти корҳои тарбиявӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибтахассус, таҳкими заминаи моддию техникӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф боз ҳам тақвият бахшанд.

Таъкид гардид, ки кормандони соҳаи маориф бо роҳнамоӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди устувори соҳа, тарбияи насли донишманду соҳибмаърифат, ватандӯсту худшинос ва омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда самаранок истифода намуда, дар татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат ва истиқболи арзандаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ саҳми арзанда мегузоранд.

НИШАСТИ МАТБУОТИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМ



10 июли соли 2026 нишасти матбуотии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар нишасти матбуотӣ вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, мудири бахши маориф ва илми раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайдулло Қувватзода, муовини якум ва муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ, намояндагони сарраёсат, шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои шаҳри Душанбе, намояндагони Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 45 нафар намояндаи васоити ахбори оммаи дохиливу хориҷӣ иштирок намуданд.

Дар нишаст аз ҷониби 16 нафар намояндаи ВАО 25 савол пешниҳод гардид, ки ба ҳар кадоми он вазири маориф ва илм, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъба ва роҳбарони муассисаҳои тобеъ посухҳои мушаххас доданд.



СОЗАНДАГӢ

Вусъати сохтмони иншооти ҷашнӣ дар Кӯлоб

Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳри Кӯлоб бунёди чанд иншоот идома дорад. Аз ҷумла, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Уҳда» барои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 48 толори варзишӣ ва толори маҷлис месозад, ки то имрӯз корҳои асосии сохтмонӣ ба анҷом расидаанд. Толори маҷлис барои 260 ҷойи нишаст ба нақша гирифта шуда, таҷҳизонидани он оғоз мегардад.

Толори варзишӣ барои гузаронидани бозиҳои волейболу баскетбол, тенниси рӯйи миз ва гӯштин пешбинӣ шуда, дорои 200 ҷойи нишаст мебошад. Дар ин биноҳо утоқҳои махсуси либосовезӣ ва ҳуҷраҳо барои оббозӣ сохта шудаанд. 15 нафар коргар ба рангубори қисмати берунии бино ва таҷҳизи толорҳо машғул мебошанд.

Аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Давлатманд» сохтмони филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф низ идома дорад. Бино аз 6 ошёна иборат буда, корҳои асосии сохтмонӣ дар он ба анҷом расидаанд. Ба сохтмони бино 45 бинокор ҷалб гардидаанд.

Ҳоло дар шаҳри Кӯлоб аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мирсаид» таъмири Китобхонаи вилоятии ба номи Садриддин Айнӣ идома дорад. Китобхона то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Қатъномаи СММ оид ба «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» дар Вена муаррифӣ гардид.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Ҳамкорӣ бо Ширкати zypl.ai дар самти рушди зеҳни сунъӣ дар таҳсилот

7 июли соли равон дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода бо намояндагони Ширкати zypl.ai баргузор гардид. Зимни вохӯрӣ Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати маориф ва илм ва Ширкати zypl.ai ба имзо расид, ки ба таҳкими ҳамкорӣ дар самти таҳия ва татбиқи қарорҳо, маҳсулот ва маводи таълимӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ бахшида шуд.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба ҷорӣ намудани омӯзиши асосҳои зеҳни сунъӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, омодасозии омӯзгорон ва истифодаи масъулони технологияҳои рақамӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм зимни суханронӣ таъкид намуд, ки ёддошти тафоҳум оғози марҳалаи нави рушди таҳсилоти рақамӣ ва омода намудани хонандагон, омӯзгорон ва муассисаҳои таълимӣ ба талаботи ҷаҳони муосири рақамӣ мебошад.

Таъкид гардид, ки зеҳни сунъӣ имрӯз ба яке аз самтҳои муҳимми рушди илму техника, иқтисод, идоракунӣ, тандурустӣ, саноат ва маориф табдил ёфта, омӯзиши он барои хонандагон аҳаммияти стратегӣ дорад. Дар шароити муосир хонандагон бояд аз технология истифода бурда, моҳият, имкониятҳо, маҳдудиятҳо, хатарҳо ва қоидаҳои истифодаи бехатари онро дуруст дарк намоянд.

Зикр гардид, ки ҷорӣ намудани омӯзиши асосҳои зеҳни сунъӣ бояд ба таври илмӣ, методӣ ва марҳалавӣ, бо дарназардошти шароити воқеии муассисаҳои таълимии кишвар, сатҳи омодагии омӯзгорон, имкониятҳои инфрасохторӣ ва хусусиятҳои муҳити миллии таълим амалӣ карда шавад. Дар ин раванд истифодаи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар баробари мутобиқсозии маводи таълимӣ ба талаботи низоми миллии маориф муҳим арзёбӣ гардид.

Дар доираи ҳамкорӣ бо Ширкати zypl.ai таҳияи барномаи намунавии таълимӣ аз самти зеҳни сунъӣ, омода намудани китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, дафтарҳои амалӣ, маводи рақамӣ ва меъёрҳои баҳогузорӣ, инчунин, ташкили курсҳои омӯзишӣ барои омӯзгорон ва хонандагон, омодасозии тренерон, таҳияи нақшаҳои дарсӣ ва тавсияҳои методӣ дар назар дошта шудааст.

Таъкид карда шуд, ки маводи таълимӣ бояд бо забони давлатӣ ва бо истифода аз мисолҳои содаву фаҳмо, ки ба муҳити зиндагии хонандагони тоҷик наздик мебошанд, таҳия карда шавад. Ҳадаф аз ин раванд он аст, ки хонандагон зеҳни сунъиро ҳамчун воситаи муосири омӯзиш, таҳлил ва эҷодкорӣ дуруст дарк намуда, онро бо масъулият истифода баранд.

Ҳамзамон, ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, амнияти иттилоотӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, риояи ҳуқуқи муаллиф, шаффофият ва истифодаи дурусти зеҳни сунъӣ дар муҳити таълимӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Қайд карда шуд, ки зеҳни сунъӣ набояд ҷойгузини дониш, тафаккур ва масъулияти инсон гардад, балки ҳамчун воситаи ёрирасон дар раванди таълим истифода шавад.

Дар ҷараёни мулоқот, инчунин, масъалаи ташкили озмунҳо, олимпиадаҳо, чорабиниҳои маърифатӣ, вохӯриҳо бо падару модарон ва таҳияи маводи иттилоотӣ баррасӣ гардид. Ба андешаи иштирокчиён, чунин тадбирҳо ба баланд бардоштани фарҳанги рақамии ҷомеа ва ташаккули муносибати масъулона нисбат ба истифодаи технологияҳои нав мусоидат хоҳанд кард.

Қайд карда шуд, ки ҳамкорӣ бо Ширкати zypl.ai бо сиёсати давлатии рақамикунонии соҳаи маориф ва татбиқи Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ҳамоҳанг буда, ба рушди салоҳиятҳои рақамии омӯзгорону хонандагон, таҳкими тафаккури таҳлилӣ, эҷодкорӣ, масъулиятшиносӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии сармояи инсонӣ равона шудааст.

Таҷдиди сохтори низоми рушди касбии омӯзгорон

7 июли соли 2026 дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф мизи мудаввар таҳти унвони «Фаъолияти донишкада барои таҷдиди сохтори амалкунанда дар низоми рушди муттасили касбии омӯзгорон (РМКО) ва муҳокимаи пешниҳодҳо оид ба такмили сохтор ва тақвияти иқтидори институтсионалӣ» баргузор гардид.

Дар он муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода, намояндагони сохторҳои тобеи Вазорати маориф ва илм, шарикони рушд, коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ иштирок намуданд.

Ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф Наврӯз Мирзозода таъкид кард, ки таҷдиди сохтори низоми рушди муттасили касбии омӯзгорон ва такмили механизми баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Муовини вазири маориф ва илм зимни суханронӣ иброз дошт, ки дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф бознигарии сохтори амалкунандаи низоми рушди муттасили касбии омӯзгорон, ташкили модели ҳамоҳангшудаи рушди касбӣ бо вазифаҳои мушаххас, низоми ягонаи татбиқ ва механизми устувори дастгирии методӣ то соли 2030 аз масъалаҳои муҳими соҳа маҳсуб меёбанд.

Дар идома директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию-методии назди Вазорати маориф ва илм Ш. Каримзода оид ба аҳаммияти таҷдиди сохтори амалкунанда дар низоми рушди муттасили касбии омӯзгорон суханронӣ намуда, зикр кард, ки такмили сохтор ҳамчун воситаи муҳимми идоракунӣ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои марбута, пешгирии такроршавии вазифаҳо, тақвияти ҳамкории байнисохторӣ ва баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳо мусоидат хоҳад кард.



Ҳамзамон, намояндагони шарикони рушд ва мушовирони миллӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо оид ба такмили сохтор ва тақвияти иқтидори институтсионалии низоми рушди муттасили касбии омӯзгоронро ироа намуда, тавсияҳои худро ҷиҳати такмили минбаъда иброз доштанд.

Дар фарҷом ректори донишкада зикр кард, ки таҷдиди сохтори низоми рушди муттасили касбии омӯзгорон танҳо тағйироти сохторӣ набуда, балки қадами муҳим дар роҳи баланд бардоштани сифати рушди касбии омӯзгорон, такмили низоми арзёбӣ ва мониторинги натиҷаҳои омӯзиш, таҳкими масъулият, шаффофият, ҳамоҳангӣ ва натиҷамандии фаъолияти муассисаҳои соҳавӣ мебошад.

Татбиқи амалии стратегия

Дар доираи иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2026-2030 оид ба амалисозии Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мулоқоту вохӯриҳои фаҳмондадиҳиро бо кормандони соҳаи маориф, махсусан, занону бонувон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор намуд.

Дар ин замина, намояндагони Вазорати маориф ва илм Д. Алихонзода ва Ф. Абдуллозода дар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, минтақаҳои Рашту Ҳисор ва шаҳри Душанбе бо кормандони мақомоти идоракунии соҳаи маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вохӯриву мулоқотҳо анҷом доданд.

Зимни мулоқотҳо масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти занон, таҳкими ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи сиёсати давлатии вобаста ба занону бонувон, риояи фарҳанги муошират, тарбияи насли наврас дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, мақому манзалати зан-модар дар оила ва ҷомеа, инчунин, риояи талаботи либоси тавсиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Таъкид гардид, ки бо дастгирии пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани мақоми занон, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил, фаъолияти касбӣ ва иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлатӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад.

Дар идомаи вохӯриҳо масъалаи эҳтиром ба либоси миллӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми фарҳанги миллӣ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор гирифт. Қайд карда шуд, ки ҳифзу тарғиби либоси миллӣ, аз ҷумла, атлас, адрас ва чакан арҷгузорӣ ба мероси гаронбаҳои фарҳангии миллат мебошад.

Дар анҷоми чорабинӣ иштирокчиён доир ба татбиқи минбаъдаи сиёсати давлатӣ дар самти баланд бардоштани мақоми занон, таҳкими маърифати ҳуқуқию иҷтимоии онҳо, тарбияи дурусти насли наврас ва густариши фарҳанги миллӣ мубодилаи афкор намуда, омодагии худро барои саҳмгузории фаъолона дар амалисозии ҳадафҳои Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илм

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

Созишнома бо 350 мактаби олии кишварҳои хориҷӣ

Зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Убайдулло Асрорзода иброз дошт, ки соли ҷорӣ донишгоҳ дар самти рушди иқтисоди сабз, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва татбиқи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёии Рушд дар доираи лоиҳаи «Беҳтарсозии малакаҳои касбӣ ва имкониятҳои бо кор таъминшавӣ» Неругоҳи офтобии иқтидораш 150 кВт-ро ба истифода дод. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори донишгоҳ ду донишкада-Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, Донишкадаи иқтисоди ҷаҳон ва дипломатия ва Академияи сайёҳӣ таъсис додаву 687 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд. Бояд қайд кард, ки дар ин давра ҳамкорӣ бо Иттиҳодияи байналмилалии донишгоҳҳои Шоҳигарии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ ба роҳ монда шуд, ки ин иттиҳодия беш аз 80 донишгоҳи пешрафтаро дар бар мегирад. Ҳамчунин, раёсати донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо ширкати чинӣ ҷиҳати таҳияи барномаи мукаммали рақамикунонии донишгоҳ ва воҳидҳои сохтории он тадбирҳои зарурӣ андешид. Дар натиҷа, раванди табдили муассиса ба «Донишгоҳи ҳушманд» оғоз гардида, унсурҳои алоҳидаи низоми мазкур мавриди истифода қарор дода шуданд. Дар шаш моҳи соли равон бо мақсади густариши робитаҳои илмию амалӣ, таҳкими ҳамкориҳои судманд бо бахши истеҳсоливу хидматрасонӣ ва фароҳам овардани замина барои ҷорӣ намудани таҳсилоти дуалӣ, кафедраҳои донишгоҳ бо 108 корхона ва ташкилоти соҳавӣ созишномаҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расониданд. Дар ин муддат бо 23 муассисаи таҳсилоти олии касбии Филиппин, Туркия, Покистон, Корея, Малайзия, Чин, Арабистони Саудӣ, Россия, Беларус, Ӯзбекистон ва Қазоқистон созишномаҳои нави ҳамкорӣ имзо шудааст. Шумораи умумии созишномаҳои байналмилалии донишгоҳ ба 350 адад расид.

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

То 1 июли соли 2026 дар мамлакат бахшида ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 31 ҳазору 377 иншоот сохта ба истифода дода шуд.

НИШАСТИ МАТБУОТӢ

Таъсиси 6 ихтисоси нав



13 июли соли равон нишасти матбуотии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баргузор гардид. Ректори донишгоҳ Ж. Гулназарзода қайд намуд, ки донишгоҳ дорои 8 факултет ва 27 кафедра буда, аз рӯйи ихтисосҳои гуногуни соҳаи омӯзгорӣ, тарҷумонӣ, рӯзномани-горӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ мутахассисонро омода мекунад. Барои соли таҳсили 2026-2027 шаш ихтисоси нав дар зинаи бакалавр таъсис дода шуд.

– Бори нахуст дар донишгоҳ аз 13 то 25 июли соли ҷорӣ Мактаби тобистонаи байналмилалӣ таҳти унвони «Забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ дар Душанбе» роҳандозӣ мегардад. Дар он 14 нафар донишҷӯю магистрант аз кишварҳои Федератсияи Россия, Британияи Кабир, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Италия иштирок намуда, дар баробари омӯзиши забон, адабиёт ва фарҳанги тоҷикӣ бо хатти ниёгон, аз мавзеъҳои таърихию фарҳангии кишвар низ боздид хоҳанд кард,-гуфт Ж. Гулназарзода, ректори донишгоҳ.

Бояд зикр кард, ки дар нимсолаи дуюми соли таҳсили 2025-2026 46 нафар донишҷӯи муассиса барои идомаи таҳсил ва иштирок дар барномаҳои академӣ ба донишгоҳҳои Ҷопон, Қазоқистон ва Беларус сафарбар гардиданд.

Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

Дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омодасозии мутахассисон аз рӯйи 31 ихтисос ба роҳ монда шудааст. Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Даврон Сафарзода иттилоъ дод.

Дар Академияи идоракунии давлатӣ барномаи табодули академӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар заминаи созишномаҳои ҳамкорӣ амал менамояд.

- Дар нимсолаи дуюми соли таҳсили 2025-2026 барои идомаи таҳсил аз рӯйи барномаи табодули академӣ 12 нафар донишҷӯ ва як нафар корманди академия ба ҳайси омӯзгор ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ сафарбар шуданд,-афзуд ректори академия.



Ҳамкорӣ бо 33 мактаби олии хориҷӣ

Зикр шуд, ки айни замон академия бо 17 ташкилоти байналмилалӣ ва 33 муассисаи таҳсилоти олии касбии хориҷӣ ҳамкориро ба роҳ мондааст.

Омода намудани мутахассисон аз рӯйи 344 ихтисос



Бо иштироки васеи хабарнигорони воситаҳои ахбори ҷумҳурӣ дар Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Раиси кумитаи мазкур Фарҳод Раҳимӣ зикр кард, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоон аз 17 июни соли 2026, №2275 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ» қабул гардид.

Айни ҳол дар ҷумҳурӣ 66 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, дар онҳо аз рӯйи 14 самт (иқтисодиёт, техника ва технология, нақлиёт, техникаи радиоэлектронӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ, меъморӣ ва сохтмон, кишоварзӣ, металлургия, телекоммуникатсия, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ, хизмати маишӣ ва хӯроки умумӣ) ва сесад касбу ихтисос кадрҳои коргарӣ омода карда мешавад. Ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 165 касбу ихтисос зиёд аст.

Аз 86 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ 59-тоашро муассисаи давлатӣ ва 27-тоашро муассисаи ғайридавлатӣ ташкил медиҳанд. Дар ин зина аз рӯйи даҳ самт – омӯзгорӣ, тиббӣ, фарҳангӣ, кишоварзӣ, иқтисодӣ, технологӣ, техникӣ, муҳандисӣ-омӯзгорӣ, ҳуқуқ ва таъмини бехатарӣ ва аз рӯйи 344 ихтисос мутахассис омода карда мешавад, ки нисбат ба соли 2025-ум 135 ихтисос зиёд мебошад.

Гуфта шуд, ки барои таъмин ва таҳияи китобҳои дарсии тахассусӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ муаллифон аз ҳисоби омӯзгорони баландихтисоси муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҷалб карда шуданд. Ҳоло 112 номгӯй китоби тахассусӣ бо қарорҳои ҷаласаи назоратии назди раиси кумита ба чоп тавсия гардида, мавриди нашр қарор доранд.

Рӯзномангорон, ҳамчунин, оид ба вазъи бунёд ва таъмири муассисаҳои таълимӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, имзои созишномаҳо, истифодаи техника ва технология, иштироки шогирдони муассисаҳои таълимӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Шоҳномахонӣ», «Илм – фурӯғи маърифат» ва ғайра маълумот гирифтанд.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Таҳсили 781 донишҷӯ

Дар Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам Абуҳанифа айни замон 181 нафар ба ҳайси омӯзгор ва дигар кормандон фаъолият доранд. Дар ин бора Абдуалим Аҳтамзода, ректори донишкада зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ҳамчунин, дар гурӯҳҳои таълимии шаклҳои рӯзона ва ғоибонаи донишкада, 781 нафар донишҷӯ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Аз шумораи умумии донишҷӯён 60 фоиз дар асоси шартнома ва 40 фоиз аз ҳисоби буҷети давлатӣ таҳсил мекунанд. Дар донишкада 28 нафар духтар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки ҳамаи онҳо дар шуъбаи ғоибона таҳсил мекунанд.



Фаъолияти 103 шурои диссертатсионӣ

Айни замон 103 шурои диссертатсионӣ фаъолият дошта, аз рӯйи 258 ихтисос барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори илм, номзади илм ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос диссертатсияҳоро баррасӣ менамоянд. Дар ин бора Сайфиддин Давлатзода, раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ 6911 нафар дорои дараҷаи илмӣ буда, синну соли миёнаи доктори илм ба 64, номзади илм ба 50 ва доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ба 31 рост меояд. Аз 6911 нафар корманди илмӣ 1034 доктори илм, 5532 номзади илм ва 345 доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд.

Ҳамзамон, дар ин давра 9 маҷаллаи илмӣ ба Феҳристи маҷалла (нашрия)-ҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардид. Аз 77 маҷаллаи илмии амалкунанда 73 то маҷаллаи илмии ватанӣ аз 44 муассисаи илмӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ва 4 маҷалла аз муассисахои илмии хориҷӣ мебошанд.

Ҷасури ҚИЁМИДДИН,
«Омӯзгор»

512 таклифи марказ оид ба татбиқи қонунҳо



– Маркази миллии қонунгузориии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаш моҳи соли равон корҳои зиёде, аз ҷумла, 6 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия намуд,-иброз дошт зимни нишасти матбуотӣ директори марказ Саидзода Иззатулло Ҳабибулло.

– Бо мақсади дар амал татбиқ намудан ба 10 консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ корбариро ба роҳ монда, иҷрои онҳоро таъмин намуд. Дар ин замина, марказ бо мақсади аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудан, мукаммалу мушаххас гардонидани механизмҳои таҳия ва татбиқи қонунҳо ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда 512 таклиф пешниҳод намуд.

Дар ин давра кормандони марказ дар 17 гурӯҳи корӣ байниидоравӣ ва ҷаласаҳо оид ба таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намуданд.

Шодӣ РАҶАБЗОД, «ОМӮЗГОР»

Дар Тоҷикистон нахустин маҷмааи мукаммали металлургияи сиёҳ бунёд мегардад.

ИҚДОМИ ҶАҲОНӢ

НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР ПЕШБУРДИ РӮЗНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СУЛҲ

(Дар ҳошияи қабули Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ дар бораи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036»)

Сулҳу субот, амният, осоиш ва саодатмандии халқҳои алоҳида ва тамоми ҷаҳон ба ҳамдигар вобастаанд. Бинобар ин, дар заминаи сулҳ барпо намудани низоми хушбахтона дар як вақт дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон имконпазир аст.



Маълум аст, ки имрӯз дар кишварҳои зиёде бархӯрду муноқишаҳо идома дошта, хатари ҷиддиеро дар давлатҳои алоҳида ва аҳли сайёра эҷод кардаанд. Дар бистсолаи охир дар ҷаҳон зиёда 30 ҷанги шаҳрвандӣ, амалиёти ҷангӣ, ҷангҳои байнидавлатӣ, низоъҳои дохиливу байналмилалӣ рух дода, баъзеашон то имрӯз давом доранд. Ҷангҳои байни давлатҳо, низоъҳои дохилӣ, таҷовуз ба истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзӣ, иқтидори мудофиавӣ, тағйир додани сохти конститутсионӣ, бо роҳи зӯроварӣ ғасб ва нигоҳ доштани ҳокимияти давлатӣ, терроризм, экстремизм, қоҷоқи силоҳ ва маводи мухаддир аз ҷиноятҳое мебошанд, ки ҳамасола 4,5-5 миллион қурбониву талафоти ҷониро дар байни аҳолии осоишта дар пай дошта, таҳдиди асосӣ ба сулҳ ва зиндагии осоиштаи башарият ба ҳисоб мераванд. Ин ҳама омилҳои болозикр рушду инкишофи бомаром ва суботи сайёраро зери хатар қарор додаанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 79-уми СММ, ки 24 сентябри соли 2024 дар шаҳри Ню-Йорки ИМА баргузор гардид, изҳори нигаронӣ карда, таъкид доштанд, ки «нооромиҳои сиёсӣ, бухронҳои иқтисодию молиявӣ, гармшавии бесобиқа бар асари тағйирёбии иқлим ва талафоти гуногунии биологӣ, инчунин, паҳншавии бемориҳои сироятӣ аз ҷумлаи мушкилоти расидан ба рушди устувор мебошанд».

Кӯшишҳои муштараки миёнамуҳлат ва дарозмуддат, инчунин, иродаи сиёсие лозим аст, то мамлакатҳо ва одамон дар муайян ва ҳал кардани сабабҳо ва омилҳои муноқишаву бархӯрдҳо ба мавқеъи ягона оянд. Имрӯз даҳшатҳои ҷанг дар Ховари Миёна, Шарқи Наздик ва дигар минтақаҳо боиси коҳиш ёфтани амнияти байналмилалӣ ва суботи ҷаҳонӣ гардида, иқтисоди ҷаҳониро ба буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ гирифтор кардааст. Мутаассифона, иҷро нашудани принсипҳои оинномаи СММ аз ҷониби бархе аз кишварҳои самараноки ҳалли ихтилофҳо бошанд. Маҳз ҳамин таҷриба ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ҷонибдори сулҳ шинохта шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пешбурди рӯзномаи байналмилалии сулҳ ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ нақши муҳим дорад. Сиёсати хориҷии кишвар таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба принсипҳои сулҳҷӯй, ҳамзистии осоишта, эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо, сиёсати ҳамсоягии нек ва ҳалли мусолиматомези баҳсҳо асос ёфтааст.

Кишварҳо дар алоҳидагӣ низ метавонанд барои таҳкими сулҳу суботи ҷаҳонӣ, эътимоди байни халқҳо ва давлатҳо, пешбурди муколамаи тамаддунҳо ва ҳалли мусолиматомези мушкилоти байналмилалӣ нақши муҳимро иҷро намоянд. Дар ин радиф, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое ба шумор меравад, ки пайваста дипломатияи пешгирикунанда, муколамаи созанда ва ҳамкории бисёрҷонибаро ҳамчун асоси таъмини сулҳу амнияти байналмилалӣ арзёбӣ намуда, барои таҳкими фарҳанги сулҳ, пешгирии низоъҳо ва рушди муносибатҳои дӯстона байни давлатҳо иқдомҳои муҳим ва ташаббусҳои созандаро бо роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешбарӣ мекунад.

Боиси хушнудист, ки аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба пешниҳоди Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қатънома қабул гардид.

Қабули қатъномаи мазкур зарурати воқеии ҷомеаи ҷаҳонӣ барои тақвияти сулҳ, амният ва ҳамкории байналмилалӣ дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир мебошад. Дар солҳои охир кишварҳои ҷаҳон шоҳиди афзоиши ҷангҳо ва муноқишаҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногун гардиданд, ки боиси талафоти зиёди одамон, харобшавии инфрасохторҳои муҳимми давлатӣ, муҳоҷирати иҷборӣ ва афзоиши бухронҳои гуманитарӣ шуданд.

Яке аз заминаҳои муҳимми қабули қатънома, эътирофи саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди рӯзномаи байналмилалии сулҳ мебошад, зеро дар шароити пуртазоди ҷаҳони муосир нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди рӯзномаи байналмилалии сулҳ ҳамчун омили муҳимми таҳкими ҳамкорӣ ба хотири сулҳ, субот ва рушди устувори байналмилалӣ арзёбӣ мегардад. Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, қабули қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036», шаҳодати равшани талошҳои пайгиронаи Тоҷикистон барои бунёди ҷаҳони амну озод мебошанд.

Искандар ШАРИФЗОДА
ходими илмии шуъбаи ИМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо

Таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ки меъмори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, ҳамчун падидаи нодир ва омӯзанда эътироф гардидааст.

Рисолати сулҳофаринии Пешвои миллат



Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун шахси сулҳпарвар, ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохтаву эътироф гардидаанд.

Пешвои миллат на танҳо дар дохили кишвар, балки дар арсаи байналмилалӣ ҳам барои баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистон ва ҳалли масъалаҳои глобалии ҷаҳон хидматҳои шоиста анҷом додаанд. Аз ин ҷост, ки соли 2005 дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ бо ҷоизаи олӣ – медали тиллоии «Барои таҳкими сулҳ ва ризоияти байни халқҳо»-и Федератсияи байналмилалии сулҳ ва ризоият сарфароз шуданд.

«Президенти Тоҷикистон намунаи ибрати аз зӯроварӣ даст кашидани ҳалли зиддиятҳои дохилимиллиро нишон дод, дар ҳалли муноқишаҳои дохилӣ ин саҳми арзандаи Тоҷикистон дар таърихи эҷоди сулҳ буда, барои бисёр мамлакатҳои дигар сулҳи Тоҷикистон сабақи беназир аст»,-иброз доштааст Дабири вақти СММ Кофи Аннан. Чунин арзёбӣ моро ба хулосае меорад, ки дарвоқеъ, миллати толеъбаландем, зеро тақдир ба бахти мо чунин роҳбаре иноят фармуда, ки ҷаҳониён эътирофаш мекунанду ба сифатҳои шоистаи роҳбарӣ ва хиради волояшон арҷ мегузоранд.

Сиёсати сулҳпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таъмини ваҳдати миллӣ дар кишвар хотима наёфта, балки бо сиёсатгузориҳо дар сатҳи минтақавӣ – дар муносибат бо ҳамсоякишварҳо ва ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҷаҳонӣ идома пайдо карданд.

Бинобар ин, бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатъномаи СММ таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» қабул гардид. Ташаббуси Роҳбари давлат зуд дар саросари ҷаҳон ҳамовозӣ пайдо намуд, ки он 25 июни соли равон дар иҷлосия 80-уми Маҷмааи Умумии СММ аз ҷониби 153 давлат пуштибонӣ ва дастгирӣ ёфт. Ташаббуси мазкур мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун давлати ташаббускор, сулҳпарвар ва ҷонибдори ҳамкории созандаи байналмилалӣ боз ҳам таҳким бахшид. Қабули қатъномаи мазкур имкон фароҳам меорад, ки дар сатҳи байналмилалӣ фарҳанги сулҳ, таҳаммулпазирӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, пешгирии низоъҳо, нақши ҷавонон ва занон дар сулҳофаринӣ, инчунин, ҳамкории давлатҳо дар муқовимат бо таҳдидҳои муосир боз ҳам тақвият ёбад. Инчунин, он барои татбиқи самараноки ҳадафҳои рушди устувор ва таъмини амният дар ҷаҳон заминаи мусоид фароҳам месозад.

Пешвои миллат бо пешниҳоди нави хеш аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал оварданд, ки даҳсолаи навбатӣ (2027-2036) ба таҳкими сулҳу субот, таҳаммулгароӣ ва пешгирии низоъҳо бахшида шавад.

Ҷаҳоне, ки имрӯз моро дар канори хеш қарор додааст, пур аз тазоду муноқиша, ҷангу ҷидол ва хунрезиву даҳшат аст. Дар чунин лаҳзаҳо зиндагӣ андешаю дониш, хираду ҷаҳонбинии солимро тақозо мекунад.

Дарвоқеъ, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор ва ҷонибдори ҳалли масъалаҳои глобалӣ бо роҳи муколама ва ҳамкорӣ шинохтаву эътироф шудааст.

Ҳамин тариқ, агар мо ба фаъолияти Пешвои миллат назар андозем, он кас на танҳо миллату давлати моро ба рӯзи саодату хушбахтӣ расонданд, балки дар ҳалли мушкилоти мардуми сайёра нақши мондагор доранд.

Илёсиддин НАБИЕВ,
котиби Шурои Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Барномаи рушди металлургияи сиёҳ барои солҳои 2027–2035 таҳия мешавад.

Ту, ки айб аз адад бурун дорӣ,
Бар забон айби халқ чун орӣ?!
Камолиддини Биноӣ

ИҚДОМИ ҶАҲОНӢ

МОҲИЯТИ ТАЪРИХИИ СУЛҲУ СУБОТ

Миллати тоҷик, ки дорои тамаддуни қадима ва таърихи пургановат мебошад, аз даврањои куҳан то имрӯз ба гояи сулҳу ваҳдат ҳамчун яке аз рукнҳои асосии зиндагии ҷамъиятӣ арҷ гузоштааст.



Дар баробари ин, адабиёти тоҷику форс аз замонҳои қадим мактаби бузурги тарбияи маънавӣ ва ахлоқӣ ба ҳисоб меравад. Шоирону мутафаккирони тоҷик дар осори худ ҳамеша мардумро ба дӯстӣ, адолат, ҳамдигарфаҳмӣ ва парҳез аз низоъ даъват намудаанд. Саъдии Шерозӣ дар осори худ инсонҳоро ба меҳрубонӣ ва ҳамдилӣ даъват намуда, чунин андешаи машҳурро баён кардааст:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Дар адабиёти муосири тоҷик низ мавзуи сулҳ ва ваҳдат мавқеи муҳим дорад. Адибон масъалаҳои ҳувияти миллӣ, дӯстии мардум, меҳри Ватан ва зарурати ҳамдигарфаҳмиро дар маркази эҷодиёти худ қарор додаанд.

Устод Садриддин Айнӣ дар таърихи фарҳанги тоҷик ҳамчун нависанда, олим ва равшанфикр ҷойгоҳи махсус дорад. Дар осори ӯ масъалаҳои бедории миллӣ, дониш, маърифат ва эҳтироми инсонӣ мақоми хосса доранд. Ӯ таъкид мекард, ки миллат танҳо бо роҳи илму фарҳанг ва худшиносӣ метавонад пеш равад.

Академик Бобоҷон Ғафуров бо асари машҳури худ – «Тоҷикон» дар омӯзиши таърихи миллати тоҷик саҳми бузург гузошт. Ин асар оинаи худшиносии миллӣ мебошад. Ӯ бо нишон додани гузаштаи пурифтихори тоҷикон ба наслҳои нав имкон фароҳам оварда, ки решаҳои таърихии худро бишносанд. Маҳз миллате, ки таърихи худро медонад, метавонад ваҳдат ва арзишҳои миллияшро низ ҳифз намояд.

Дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода бошад, сулҳ аз мавзуи меҳварӣ мебошад. Ӯ сулҳро ҳамчун шарти зиндагии инсоният васф кардааст. Ашъори ӯ мардумро ба дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамкории байни миллатҳо даъват менамояд. Аз ҷумла, шоир дар ин маврид мефармояд:

То тавонӣ дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.
Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкункасонро гум макун...

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистон ба давраи мураккаби таърихӣ ворид гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ ба ҷомеа таъсири бад расонд ва зарурати барқарор намудани сулҳу суботро ба миён овард. Имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар соли 1997оғози давраи нави давлатсозӣ гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд: «Ваҳдати миллӣ асоси пойдории давлат ва кафили рушди ҷомеа мебошад».

Боиси ифтихор аст, ки 25 июни соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи махсусро аз рӯйи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зери унвони «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда» қабул намуд, ки ин идомаи мантиқии сиёсати сулҳҷӯёнаи миллати тоҷик мебошад.

И. ҚУРБОНОВ,
устоди кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи ДМТ

Дар ҷаҳони муосир масъалаи ҳифзи сулҳ ва таъмини амният ба яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати байналмилалӣ табдил ёфтааст. Афзоиши низоъҳои мусаллаҳона, таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ, бухронҳои иқтисодӣ ва тағйирёбии иқлим ба зиндагии миллионҳо нафар одамон таъсири манфӣ мерасонад.

Дар чунин шароит ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036» аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад.

НИЁЗИ ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ

Ҳадафи асосии қатънома, пеш аз ҳама, таъмини сулҳу субот, густариши фарҳанги таҳаммулпазирӣ, рушди муколама байни давлатҳо ва пешгирии низоъҳо мебошад.

Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик аз азал дар арсаи ҷаҳон бо сулҳдӯстию сулҳофарии худ шуҳратёр гардидааст. Миллати фарҳангдӯсту тамаддунофари тоҷик рисолати сулҳпарваронаи хешро имрӯз низ идома дода истодааст. Боиси ифтихор аст, ки бо кӯшишу заҳматҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сарзамини мо сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пойдор гардид. Дар баробари ин, Роҳбари давлати мо ҳамчун шахси сулҳовару сулҳпарвар ва сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷониби ҷаҳониён эътироф гардидаанд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки маҳз таҷрибаи сулҳи тоҷикон имкон фароҳам овард, ки тавассути истифодаи он дар аксар кишварҳои дучори низоъҳои мусаллаҳона сулҳу субот барқарор карда шавад. Бо такя ба таҷрибаи сулҳофарӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ як қатор ташаббусҳои муҳимро пешниҳод намудааст, ки ҳамаи онҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ якдилона пазируфта шудаанд.

Таҷриба нишон медиҳад, дар мамлакатҳое, ки низоъҳо ба вуқӯъ меоянд, наслҳои ҷавони он кишварҳо дучори мушкилот мегарданд.

Ташаббуси навбатии Пешвои миллат дар арсаи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, ба хотири наслҳои оянда, муҳити орому осоишта, имкониятҳои баробар барои таҳсил, рушди илм, тандурустӣ ва зиндагии шоиста равона гардидааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки барои таҳкими сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ тадбирҳои муассир андешида, ояндаи бехатар ва устувори инсониятро таъмин намоянд.

Маврид ба зикр аст, ки дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ва ҳифзи сулҳу субот ҳамеша мавқеи калидӣ дорад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста аз ормонҳои сулҳ, ваҳдати миллӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории судманди байналмилалӣ пуштибонӣ намуда, дар суханрониҳои хеш таъкид менамоянд, ки сулҳ бояд ба як арзиши фарогири фарҳанги башарият мубаддал гардад ва пойдории он танҳо тавассути гуфтугӯ, эҳтироми мутақобила ва ҳамкории созанда таъмин карда шавад.

Аз ин рӯ, дастгирии ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ барои таҳкими сулҳу субот дар сайёра ва таъмини ояндаи осоиштаи наслҳои оянда аҳаммияти бузург дорад.

Фитрат РУСТАМЗОДА,
мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ



Рушди муколамаи байни тамаддунҳо

Дар ибтидои асри XXI инсоният бо маҷмуи таҳдидҳои нав, аз ҷумла, низоъҳои мусаллаҳона, терроризму ифротгароӣ, бухронҳои иқтисодӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, тағйирёбии иқлим ва таҳдидҳои киберамниятӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Дар чунин шароит масъалаи таҳкими сулҳ, рушди фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ҳамкории созандаи байналмилалӣ аҳаммияти аввалиндараҷа касб кардааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро бар асоси принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо, ҳалли мусолиматомези баҳсҳо, ҳамкории судманд ва таҳкими сулҳу амнияти байналмилалӣ ба роҳ мондааст.

Бо ташаббуси Пешвои миллат Тоҷикистон муаллифи як қатор қатъномаҳои муҳимми Созмони Милали Муттаҳид гардид. Аз ҷумла, эълони Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018-2028), Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025) ва амсоли инҳо нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пешоҳанг дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ тақвият бахшиданд.

Ин ташаббусҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон танҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ маҳдуд набуда, балки ба рушди ҳамкориҳои ҷаҳонӣ ва ҳалли мушкилоти умумибашарӣ нигаронида шудааст.

25 июни соли 2026 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалӣ оид ба таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда, солҳои 2027-2036»-ро қабул намуд.

Ин қатънома бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, аз ҷониби шумораи зиёди давлатҳои узви СММ дастгирӣ ёфт. Ҳуҷҷат аҳаммияти рушди фарҳанги сулҳ, муколамаи байни тамаддунҳо, пешгирии низоъҳо, таҳкими эътимоди байни давлатҳо ва иштироки фаъоли ҷавононро дар таъмини сулҳи пойдор таъкид менамояд.

Қатънома, инчунин, ҳамаи давлатҳо, ниҳодҳои СММ, созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои илмӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусиро ба ҳамкорӣ чиҳати татбиқи ҳадафҳои даҳсолаи байналмилалӣ даъват менамояд.

Қабули қатъномаи байналмилалӣ дар шароите сурат мегирад, ки шумораи низоъҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон афзоиш ёфта, миллионҳо нафар маҷбур шудаанд, ки макони зисти худро тарк намоянд. Сатҳи нобоварии байни давлатҳо боло рафтааст.

Дар чунин вазъият ташаббуси Тоҷикистон метавонад ба густариши дипломатияи пешгирикунанда, рушди муколама байни тамаддунҳо, таҳкими эътимоди байни халқҳо, баланд бардоштани нақши ҷавонон дар сулҳофарӣ, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ, рушди таҳсилоти сулҳпарварона, пешгирии ифротгароӣ ва хушунат мусоидат намояд.

Ташаккули фарҳанги сулҳ бояд маҳз аз муҳити оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ оғоз гардад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, таҳкими ҳисси ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ дар муҳити оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи устувори рушди сулҳи пойдор мебошад.

Ин ташаббус бори дигар нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз яке аз давлатҳои фаъол ва эътирофшудаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти ҳалли масъалаҳои глобалӣ мебошад.

Бой НОДИРОВ,
сардори раёсати таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва иловагии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ

Талаботи Тоҷикистон ба филизоти сиёҳ то соли 2035 ба беш аз 2,3 миллион тонна мерасад.

БА ОЗМУНИ «РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ»

Марҳалаҳои пешрафт: қадам ба қадам

Истиқлоли давлатӣ барои миллати фарҳангпарвару тамаддунсозу сулҳдӯсту озодихоҳи тоҷик оғози давраи навини таърихӣ, марҳалаи эҳёи вахдати миллӣ ва заминасози пешрафти ҳамаҷонибаи тамоми қишрҳои мухталифи давлати тамаддунофари тоҷикон гардид. Дар ин марҳалаи сарнавиштсоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маорифро соҳаи афзалиятнок ва стратегии сиёсати давлатӣ эълон намуд. Ҷанги шахрвандӣ дар баробари дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ба соҳаи маориф ва илми тоҷик рахна ворид карда бошад ҳам, бо заҳмату талошҳои фарзандони бонангу номус, бахусус, аҳли зиё роҳи самти фаъолияти хешро идома дода, бар марҳалаи нави созандагӣ ворид гардид. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва дигар барномаҳои давлатии соҳавӣ ба рушди соҳа мусоидат карданд.

Дар ин марҳала, гузариш ба низоми миллии байналмилалӣ, ҷорӣ намудани усулҳои нави омӯзиш ва мутобиқсозии соҳа ба талаботи бозори меҳнат маҳсуб меёфт. Таваҷҷуҳи махсус ба сохтори идоракунии маориф, маблағгузории сарикасӣ ва мустақилияти молиявии муассисаҳои таълимӣ равона карда шуд, ки ин иқдомҳо замина ва пояҳои устувори соҳаро гузоштанд.

Пас аз барқарор шудани сулҳ ва Вахдати миллӣ, ба тадриҷ соҳаи маориф рӯ ба беҳбудӣ оварда, дар ин замина, садҳо муассисаи таълимии нави дорои шароити муосир дар шаҳру ноҳияҳо, хусусан, дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон бунёду навсозӣ гардиданд, ки аз сиёсати созандаи давлат дарак медиҳанд. Ҳар сол дар кишвар бо дастгирии Ҳукумати ҷумҳурӣ, саҳми соҳибкорон ва сокинони маҳаллӣ даҳҳо мактаби нави замонавӣ, литсейҳо, гимназияҳо ва кӯдакистонҳо сохта, ба истифода дода мешаванд, ки дорои технологияҳои нави иттилоотӣ мебошанд.



Ба рушди соҳа гузариш ба усули нав, яъне, муносибати босалоҳият ба таълим такони ҷиддӣ бахшид. Бо мақсади ташаккул додани дониш, маҳорат ва малакаи наврасон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таълими салоҳиятнокиро дар муассисаҳои таълимӣ ҷорӣ намуд, ки тавассути он хонандагон метавонанд фаъолияти ояндаи касбии худро такмил дода, ҳамчун мутахассисони дорои ҷаҳонбинии комил ба камол расанд.

Дар ин замина, барои рушди зинаҳои мухталифи таҳсилот, беҳтар намудани сифати таълим, ҷорӣ намудани технологияи муосир як силсила барномаҳои давлатӣ, аз қабили Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040 ва Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва шавқу рағбати насли наврас ба ихтироъкориву навоварӣ нақши муҳим гузоштанд.

Хамчунин, бояд таъкид намуд, ки дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар кишвар афзуд. Яке аз дастовардҳои бузург дар замони истиқлол таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки шаффофият, адолат ва дастрасии баробари ҷавононро ба таҳсилот таъмин намуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул шуд, ки ба тақвияти фаъолияти омӯзгорон такони ҷиддӣ бахшид. Маоши кормандони соҳаи маориф мунтазам зиёд карда мешавад. Ҷоизаҳои давлатӣ, унвонҳои фахрӣ, озмунҳои касбии «Омӯзгори сол» ва ҷудо намудани имтиёзҳо барои омӯзгорони ҷавон (хусусан, дар деҳот) аз ҷумлаи иқдомҳое мебошанд, ки барои ҳавасмандгардонии омӯзгорон нигаронида шудаанд. Имрӯз омӯзгор ҳамчун роҳнамо ва меъмори ахлоқи ҷомеа шинохта шуда, нақши калидии ӯ дар пешгирии хурофот, нагаравидани наврасону ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротиву тундгаро ва таъмини суботи маънавӣ назаррас мебошад

Бо ташаббуси Пешвои миллат озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Шоҳномахонӣ» ба роҳ монда шуданд, ки дар баланд бардоштани сатҳи маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷаҳонбинии насли наврасу ҷавон ва қишрҳои мухталифи ҷомеа нақши муассир мегузоранд. Озмунҳои мазкур боиси он гардиданд, ки сатҳи китобхонӣ ва мутолиаи адабиёти бадеӣ шавқу рағбати хонандагону донишҷӯёнро бештар намуд.

Дарвоқеъ, дар давroни Истиқлоли давлатӣ ба соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Инкишоф ва рушди ин соҳаи ҳаётан муҳим кафолати устувории давлат, пойдории сулҳу субот ва ояндаи дурахшони Тоҷикистони маҳбубамон хоҳад гашт.

Абдурашид АЛОВИДДИНОВ,
ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявии МТМУ №20-и ноҳияи Айнӣ

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар илму маориф аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, нисбат ба он аз ҷониби давлату Ҳукумати кишвар пайваста тадбирҳо андешида мешаванд. Дар ин росто, бо мақсади тақвият бахшидан ва ривоҷ додани моликияти зеҳнӣ ва инкишоф додани ҷаҳонбинии илмӣ, рушди тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалби наврасону ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид, ки ин аз таваҷҷуҳи рӯзафзуни Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба илму маориф шаҳодат медиҳад.

Илмҳои дақиқ дар замони истиқлол

Давлату Ҳукумати кишвар маҳз бо дарназардошти рӯзмарра будани ин масъала ва аҳаммияти бузурги илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ шароиту имконоти зарурироро фароҳам оварда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани барномаи давлатии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» нақша-чорабиниҳо таҳия ва татбиқ мешаванд.

Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон доданд, ки дар замони муосир мутобиқ шудан ба вазъи глобалии ҷомеа, муаррифии боз ҳам бештари фарҳанги моддию маънавии кишвар дар арсаи ҷаҳон, рушди бемайлони техника ва технологияи муосир, амалӣ намудани чор ҳадафи стратегии кишвар, хусусан, ҳадафи чоруми он – саноатикунонии босуръати кишвар, огоҳ будан аз вазъи глобалии ҷомеа, таъмини рушди давлату ҷомеа ба омӯзиши илмҳои дақиқ, хусусан, илмҳои табиӣ ва риёзӣ пайванди ногусастанӣ дорад.

Дар ин росто, ташкил ва баргузор кардани озмунҳои «Илм – фурӯғи маърифат», «Ихтироъкорон ва навоварони Тоҷикистон», олимпиадаҳои фаннӣ ва ғайра аз як тараф, иҷрои самараноки барномаи давлатии мазкурро таъмин намояд, аз тарафи дигар, ба тарбия ва рушди истеъдодҳои наврасу ҷавон такони ҷиддӣ мебахшанд. Ҳамзамон, ташкили Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ низ шаҳодати гуфтаҳост.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ пешрафти босуръати илму техника дигаргуниҳои назаррасро ба вуҷуд оварда, аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ тақозо карда мешавад, ки ҷиҳати омӯзиш ва амалигардонии он кӯшиш ба харҷ диҳанд. Аз ин лиҳоз, Роҳбари давлат дар суханрониҳои хеш пайваста ба кормандони соҳаи маориф таъкид менамоянд: «Масъулин назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд».

Баҳри амалӣ гардидани ин ҳадаф дар марҳалаи аввал таҳия ва татбиқи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2021-2025», «Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» амалӣ гардида истодааст. Инчунин, аз ҷониби Ҳукумати кишвар моҳи сентябри соли 2020 қарор «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул гардид. Танҳо дуруст ба роҳ мондани татбиқи санадҳои мазкур дар муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки ба дастовардҳои назаррас ноил гардем.

Убайдуллои АБДУСАМАД,
омӯзгори ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
Умедҷон ОДИНАЕВ,
омӯзгори МТМУ №27-и ноҳияи Шамсиддини Шоҳин

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ



Соате дар кӯдакистони хусусӣ

Як падидаи хуб вобаста ба бештар фаро гирифтани кӯдакон ба тарбияи томактабӣ ба фаъолият пардохтани кӯдакистонҳои хусусӣ ба шумор меравад. Хушбахтона, дар ВМКБ ба ифтитоҳ кардани муассисаҳои тарбиявии хусусӣ бисёр соҳибкорон ва шахсони ҷудогона рӯ овардаанд ва аз эҳтимол дур нест, ки ояндаи наздик мушкили фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ пурра бартараф шавад. Яке аз шахсоне, ки дар ин самт фаъолияти босамар дорад, соҳибкор Нисо Мирзоева мебошад. Кӯдакистони «Чаққон, донояк», ки ӯ дар шаҳри Хоруғ бино кардааст, як сол боз фаъолият дорад. Мо соате дар кӯдакистони мазкур қарор доштем.

Ин ҷо 60 нафар кӯдак тарбия мегирад ва онҳоро ба се гурӯҳ тақсимбандӣ кардаанд: гурӯҳҳои тоҷикиву русиву англисӣ (дар ҳар гурӯҳ 20 нафарӣ). Се омӯзгори ботаҷриба ба тарбиягирандагон ин забонҳоро меомӯзанд. Ҳар гурӯҳ синфхонаи алоҳида дорад.

Чунонки мудири кӯдакистон Шамина Сафармамадова иброз медорад, мураббиён ба кӯдакон мустақилияти бештар медиҳанд, то онҳо худро озод ҳис кунанд ва ба бозии дилхоҳи худ машғул шаванд. Барномаҳои таълимиро тавре тарҳрезӣ кардаанд, ки кӯдакон тавассути бозиҳои шавқовару амалҳои завқбахш забон меомӯзанд.

Дар кӯдакистон шароити хӯрду хоби тарбиягирандагон хуб ба роҳ монда шудааст. Ба сабзавоту мева ва таоми серғизо афзалият дода мешавад, то дар баробари тарбия, кӯдакон неруи хуби ҷисмонӣ дошта бошанд.

Талабгорони тарбияи фарзанд дар кӯдакистонҳо кам нестанд ва аз ин рӯ, соҳибкорон ба ин кор бояд бештар иқдом намоянд.

Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,
«Омӯзгор»

Яке аз вазифаҳои афзалиятнок дар соҳаи маориф ҷалби кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабист, чунки ҳар кӯдак бояд дар муассисаи томактабӣ аз таълиму тарбия бархӯрдор бошад, то ба зинаи дигари таълиму тарбия, яъне, мактаб омода гардад. Ҳукумати мамлакат ба ин масъала эътибори ҷиддӣ медиҳад ва дар ин замина, ҳар сол шумораи муассисаҳои томактабӣ дар саросари кишвар меафзояд. Бо вуҷуди ин, бо истинод ба ҳисоботи раёсати маорифи ВМКБ фарогирии кӯдакон ба кӯдакистонҳо дар вилоят беш аз 40 фоиз мебошад.

То соли 2029 дар корхонаҳои металлургӣ, семент ва коркарди маъдани Суғд беш аз 3000 ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад.

Ҳар он кас айби мардум бо ту гӯяд,
Бидон, бо дигарон айби ту ҷӯяд.
Рофиби Самарқандӣ

ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

Заминаи баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия

Тавре ки маълум аст, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025 Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 тасдиқ ва қабул гардид. Стратегияи мазкур аз 8 боб ва 27 банд иборат мебошад. Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044, ки дар асоси Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 29 апрели соли 2024 тасдиқ шудааст, бо мақсади таъмини сифати таҳсилот тавассути ба роҳ мондани низоми арзёбӣ равона шудааст. Сифати таҳсилот бо дарназардошти таъмини шароити мусоиди таълиму тарбия, иқтидори кадрӣ, адабиёти таълимии мутобиқ ба неруи зеҳнӣ, қобилияти физиологии тарбиятгирандагону таълимгирандагон, воситаҳои таълимӣ, методию аёнӣ ва азхудкунии барномаҳои таълимию тарбиявии созгор ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот мавриди арзёбӣ қарор мегирад. Дар ин замина, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025 Нақшаи амали Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар кишвар барои давраи то соли 2044 дар солҳои 2025-2027 қабул гардидааст.

Дар хусуси татбиқи стратегия сардори шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми кишвар Айниддин Холиқзода зимни суҳбат чунин иброз намуд: «Ҷиҳати амалишавии нақшаи амали Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 дар муддати солҳои 2025-2026 корҳои зиёд анҷом



дода шуда, санадҳои зиёде танзимкунанда таҳия гардиданд. Дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар доираи лоиҳаи «Таҳкими муносибати босалоҳият ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои дақиқ ва риёзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳияи стандарт ва барномаҳои таълимии фанҳои физика, химия, биология ва технология бо дастгирии мутахассисони соҳа, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва соҳибихтисоси муассисаҳои таълимии кишвар китобҳои насли нав, китобҳои дарсии STEM (фанҳои дақиқ ва риёзӣ), вобаста ба ҷорӣ намудани усулҳои муосири таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таълиф ва таҳия шуданд».

Вобаста омӯзиши таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ дар самти арзёбии сифати таҳсилот мутахассисон ба кишварҳои Австралия, Финландия, Ҳонконг, Сингапур, Шветсия, Олмон, Британияи Кабир, ҷумҳуриҳои назди Балтика тариқи маҷозӣ ва ҷумҳуриҳои Қазоқистону Озарбойҷон, Федератсияи Россия ва Эстония ба таври ҳузурӣ ҳамкорӣ намуда, дар таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва дастурамалу тавсияҳо вобаста ба амалишавии Нақшаи амали Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (дар солҳои 2025-2027) онро истифода карданд. Тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, масъалаи иштироки ҷумҳурӣ дар арзёбии таҳсилотии байналмилалӣ (PISA, TIMSS, PIRLS ва ғайра) ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми самаранок ва механизмҳои институтсионалии арзёбии сифати таҳсилот дар асоси таълими босалоҳият мебошад. Бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои дар назди PIRLS гузошташуда фармоиши муштарак байни Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ «Дар бораи гузаронидани арзёбии байналмилалии PIRLS» ба имзо расонида шуд.

Дар ин замина, моҳи апрели соли 2025 Барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон PISA-2025 дар 160 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе бо иштироки 5757 нафар хонанда бомуваффақият гузаронида шуд.

Яке аз самтҳои татбиқи стратегия тасдиқи индикаторҳои арзёбии сифати таҳсилот барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот мебошад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ Тартиби гузаронидани мониторинги сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ моҳи июли соли 2025 таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки дар он индикаторҳо барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот муайян гардидааст.

Маълум аст, ки истифодаи технологияҳои муосири таълим дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим нақши бузург мебозанд. Аз ин рӯ, таъмин намудани раёсат, шуъба, бахш ва гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот бо технологияҳои муосири таълим барои арзёбии сифати таҳсилот (с.2025-2027) хеле муҳим мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуъбаи идоракунии сифати таҳсилот фаъолият доранд, ки натиҷаи корҳоро тавассути технологияи муосир ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намуда, ба Вазорати маориф ва илм ирсол менамоянд.

Ба таъкиди А. Холиқзода, дар доираи омодагӣ барои иштирок дар таҳқиқоти PISA-2026 семинарҳои зиёди омӯзишӣ ташкил ва баргузор карда шуданд. Аз ҷумла, чунин семинарҳои омӯзишӣ барои директорони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе баргузор карда шуд, ки дар он директорон ва муовинони онҳо аз 170 муассисаи таълимӣ ширкат доштанд. Дар семинарҳо асосан доир ба воситаҳои арзёбии сифати таҳсилот ва тартиби баргузории озмоиши маҳаллӣ ва таҳқиқоти асосии PISA-2026 ба иштирокдорон маълумот дода шуд.

Вазорати маориф ва илм дар асоси пешниҳоди маълумот аз сарраёсат, раёсат, шуъба ва бахшҳои маорифи вилоят, шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ натиҷаи мониторинги гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилот оид ба сифати таҳсилот ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ дар нимсолаи дуюми соли таҳсили 2025-2026-ро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ҷамъбаст намуда, муайян кард, ки сифати таҳсилот ба 38,9 дарсад ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ ба 95,5 дарсад баробар мебошад.

Дар умум, ба андешаи А. Холиқзода, баҳри баланд бардоштани сифати таҳсилот ва иҷрои мукаммали Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 корҳои зиёдеро бояд ба анҷом расонд. Аз ҷумла, таҳкими заминаҳои моддию техникӣ (харидории кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳазгардонидашуда бо воситаҳои техникии муосири таълим), сохтмони муассисаҳои таълимӣ, синфхонаҳои иловагӣ ва ба меъёр мутобиқ кардани шумораи хонандагон дар синфҳо, муайян намудани эҳтиёҷот ба китобҳои дарсӣ ва бо пуррагӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ, дар асоси нақшаи амалии Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 мунтазам баргузор намудани семинар – машваратҳо бо сардорони шуъба, бахш ва роҳбарони гурӯҳҳои идоракунии сифати таҳсилоти муассисаҳои таълимӣ оид ба гузаронидани мониторинг ҷиҳати муайян ва таъмин намудани сифати таҳсилот ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз мушкилоте мебошад, ки ҳалли онҳо ба иҷрои стратегия мусоидат хоҳад кард.

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

СУРУД ВА МУСИҚӢ



КАЛИМАСОЗӢ ДАР ДАРС

Таълим ва тарбияи суруд ва мусиқӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва литсейю гимназияҳо аз синфи як то синфи шашум омӯзонида шуда, ҳамчун рукни муҳимтарини тарбияи ахлоқии хонандагон дар баланд бардоштани завқи бадеӣ ва зебопарастии онҳо аз аҳаммият холӣ нест. Ҳамзамон, яке аз воситаҳои асосии тарбияи зебошиносӣ омӯзиши суруд ва мусиқӣ ба ҳисоб рафта, таълим ва тарбияи он ҳанӯз аз боғчаи бачагон огоз гашта, баъдан дар мактаб, мактабҳои бачагонаи мусиқӣ ва маҳфилҳои гуногуни санъат идома меёбад.

Дар асоси низоми муайян омӯхтани суруд ва мусиқӣ ба хонандагон ва сарояндагони наврас имкон медиҳад, ки қобилияти дарку ҳисси мусиқифаҳмии онҳо пурра гашта, асарҳои баландмазмуни мусиқиро бошуурона эҳсос намоянд. Албатта, инкишофи чунин хусусиятҳои хонандагон аз истеъдоду қобилияти кордонию маҳорати хуби тахассусии муаллими дарсдиҳанда вобастагӣ доранд. Муаллими мусиқӣ бояд аз нозукиҳои касби худ бохабар бошад, дониши назариявӣ ва маҳорати хуби навозандагӣ дар яке аз созҳои мусиқӣ ва психологияи синнусолии шогирдонро донад. Зеро дар дарс хонандагон ба ғайр аз сароидани суруд ба донишҳои назариявии мусиқӣ низ фаро гирифта мешаванд. Хонандагон ошноӣ бо элементу қоидаҳои назарияи мусиқиро аз номи овозҳои мусиқӣ ва ҷойгиршавии овозҳо дар раҳҳои нотагоҳ оғоз менамоянд. Дар омӯзиши суруд барои онҳо донистани пастию баландӣ ва зинаҳои овозҳои мусиқӣ аввалиндараҷа мебошад.

Муаллими мусиқӣ барои амалӣ гардонидани ин корҳо аз роҳу усулҳои гуногун бояд истифода намояд, зеро ба ҳамагон маълум аст, ки қобилияти дарсазхудкунии хонандагон якхела нест. Аз он лиҳоз, ки хуб донистани ҷойи ҷойгиршавӣ ва донистани овозҳои мусиқӣ дар нотагоҳ барои омӯхтани дигар қоидаҳои мусиқӣ вобаста аст, зарур донистем, намунае ҳамчун ёрии методӣ ба муаллимони мусиқиро барои хубтар аз худ кардани ҷои ҷойгиршавии овозҳои мусиқӣ ва муайян намудани номи овозҳо ва онро «калимасозӣ» ном гузошта, ба шогирдон таъкид менамоем, ки фанни суруд ва мусиқӣ ба дигар фанҳои таълимӣ, алалхусус, бо фанҳои забон ва адабиёти тоҷик алоқаи зич дорад.

Калимасозӣ ҳангоми иҷро як намуди бозиро низ дар бар мегирад, зеро дар таҷриба борҳо дидем ва мушоҳида намудем, ки шогирдон дар иҷрои он бо як завқи баланд иштирок намуда, бесаброна ҳозирҷавобӣ менамоянд. Пеш аз оғоз ба шогирдон супориш медиҳем, ки мансуб ба номи ҳафт овози мусиқӣ (До, Ре, Ми, Фа, Сол, Ля, Си) калимаҳо ёфта, дар дафтарҳояшон нависанд. Ба монанди доира, дониш, дос, доно, дона, рег, тиреза, реша, миз, миҷҷа, фазо, Фарида, Фарҳод, мисол, ҳамсол, ситор, мусиқӣ, сиёҳ, симурғ ва ғайра. Баъдан дар тахтаи синф муаллим хати нотагоҳ тасвир намуда, онро ба 3 ё 4 тақтеъ ҷудо намуда, ду-се калима месозад. Шогирдон ба тарзи иҷрои кор ва чӣ тавр истифода намудани ном ва ҷойи овози мусиқиро дар калима мушоҳида менамоянд. Баъди ба тахта даъват намудани ду хонанда хоҳишмандон он қадар бо завқ иштирок кардан мехоҳанд, ки онҳо ҳатто дар дарс буданашонро фаромӯш мекунанд.

Аввалан мумкин баъзе аз хонандагон ҷойи овозро нодуруст мегузоранд (овози фа-ро дар рӯйи хати дуюм менависанд, ки он гоҳ калимаи «фазо» «солзо» хонда мешавад), он вақт калима нодуруст садо дода, бемазмун мешавад. Худи хонандагон онро тез ҳис карда, нодуруст меҳисобанд.

Дар байни хонандагон ҳангоми омӯзонидани ҷойгиршавии овозҳои мусиқӣ дар нотагоҳ ба шогирдон истифодаи калимасозиро ба манфиати кор дониста, ба ҳамкасбон пешниҳод менамоем, ки дар дарсҳояшон аз он истифода намоянд, зеро таҷриба нишон дод, ки ба ин восита, ҷойи ҷойгиршавии овозҳои мусиқӣ зуд ва дер боз дар хотири шогирдон мемонад, ҳамзамон, барои муаллим як навъ санҷиши хонандагон оид ба муайянкунии номи овозҳои мусиқӣ мешавад.

Раҳмон РАҲИМӢ,
омӯзгори литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Кӯлоб,
узви Иттифоқи композиторони Тоҷикистон,
Наврӯз САИДОВ,
Идимади ХОЛМАТ,
устодони Коллеҷи ҷумҳуриявии санъати шаҳри Кӯлоб ба номи Карокатулло Қурбонов

Дар шаш моҳи соли 2026 дар Тоҷикистон 191 корхонаи нави саноатӣ фаъол гардид.

ПЕДАГОГИКА



ЯК ҶУЗЪИ ДАРС

Тарбия мафҳуми нисбӣ аст. Ҳанӯз дар асри XVII педагоги чех Я. А. Коменский дар асари машҳури худ «Дидактикаи бузург» алоқамандона ба таълим гузарондани тарбияро «дар доираи ахлоқи ҷомеа» таъкид карда буд. Аксари омӯзгорон иборааи мазкурро тавре дарк карданд, ки тарбия бояд ҳамчун унсури ҷудонашавандаи дарс ҷорӣ карда шавад ва онро ҳамин тавр амалӣ карда истодаанд.

Омӯзгори имрӯза бояд тарбияро на бо сифати рукни дуюмдараҷа, балки ҳамчун зарурати аввалиндараҷа дар замони муосир дарк намояд. Пӯшида нест, ки фаъолияти омӯзгорони мактабҳо алҳол танҳо аз рӯйи сифату самараи таълим баҳо дода мешавад. Чаро?

Ин нишонаи масъалаи тарбияро дуюмдараҷа шуморидан аст.

Таассуфовар он аст, ки омӯзгорон ба таври бояду шояд дарк карда наметавонанд, ки дарс дар ҳамон сурат тавозуни комил пайдо мекунад, ки таълим бо тарбия ҳамчун ду унсури бо ҳам алоқаманд ба роҳ монда шавад. Бале, мо нодида намеангорем, ки дар макотиби имрӯза сари масъалаи тарбия гуфтугӯ ва талаботгузориҳои ҷиддӣ ба вуқуъ мепайванданд. Аммо онҳо ҳамеша ё аксаран ҳамчун «гуфтугӯ ва талаботгузориҳои ҷиддӣ» дар сухану рӯйи коғаз арзи вуҷуд мекунанд.

Ба тасвиб расидани «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» талаботи асри нав аст.

Маҳз дар ҳамин ҳуҷҷате, ки сарнавиштсоз гуфтани он ҳам хато нест, маҷмуи тарбияи дархӯри ҷомеаи тоҷик дарҷ гардидааст. Амалӣ гардондани он шарт, зарур, гузашта аз ин, вазифаи ҷонии ҳар як муаллим ё мураббӣ аст.

Масалан, кӯшиш ва собитқадамӣ аз ҷумлаи мазмунҳое мебошанд, ки аз консепсия бармеоянд. Оё ҳар як толибилми фаразан, синфҳои болоӣ ё хатмкардаи мактабҳо чунин сифатҳоро доранд? Ё аққалан дурустию муҳиммияти ин масъалаҳоро тасдиқ карда метавонанд?

Бояд дар назар дошт, ки адабиёти классикии мо контрастӣ (пуртазод) аст. Адибон мувофиқи сатҳи фаҳмиши худ, таҷрибаи аз ҳаёт бардоштаашон ё дониши дар мадрасаҳо ҳосилкардаашон доир ба ҳаёт, арзишҳои башарӣ ва воқеият хулосабарорӣ мекарданд. Албатта, муҳаққиқони адабиёт бар онанд, ки «ба адибон на аз рӯйи он баҳо медиҳанд, ки барои имрӯзиён чӣ хидматҳо кардаанд, балки дар замони худ чӣ хидматеро ба ҷо овардаанд». Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуъҳои омӯхташаванда ва дар баъзе маврид шарҳу тафсири асарҳо бояд бознигарӣ шаванд.

Дар асарҳои адабиёти классикии тоҷику форс дар аксар ҳолат мухтаво - руҳафтодагӣ аз нобасомониҳои ҳаёт ва оҷизӣ пеши «маъшуқ» (хоҳ аслӣ бошад, хоҳ маҷозӣ) аст. Саволе ба миён меояд, ки агар дар шуури хонандагон ҳамин «руҳафтодагӣ ва оҷизӣ»-ро ҷой намоем, пас чи гуна насли комили имрӯза ва ояндасози ҷамъиятро тарбия менамоем?

Ёд дорам, дар овони донишҷӯӣ яке аз устодони арҷманди мо, ки маҳбуби аҳли он даргоҳи илм буд, чӣ тавр бо ҳарорат номи Фарҳодро аз достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ тафсир доданд: ф-фироқ, а- азоб, р-ранҷ, ҳ-ҳичрон, о- озор, д-дард. Он лаҳза аз дидагони устод ашк ҷорӣ гашт. Ин тафсир ба донишҷӯён низ таассуроти амиқе гузошт. Аксари онҳо шефтаю пайрави Фарҳод монданд. Айнан ҳамин тафсирро баъди гузаштани солиёни зиёд аз даҳони як донишҷӯ шунидам, ки худ «ошиқ»-и як ҳамсабақаш буд.

Қобили тазаккур аст, ки дар адабиёти классикӣ асарҳои арзишманди руҳбаландкунанда ва дархӯри ҷомеаи имрӯзии мо кам нестанд. Масалан, байте аз Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ:

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд.

Ё баъзе намунаҳо аз дигар адибон:

Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор,
Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд.

***

Рузӣ насиби кас ба нишастан намешавад,
Бояд чу осиё зи пайи обу дона рафт.

***

Ноқобилони даҳр ба мақсад намерасанд,
Дунё ҳамеша дар талаби марди кобил аст.

Роҳи собитқадамию ба мақсад расидан, яъне, инсони комил шуданро ҳанӯз аз давраи устод Рӯдакӣ дидан мумкин аст:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.

Ё худ:

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-азҳамабадбартанитуҷавшанаст.

Ҳаким Фирдавсӣ бо тасвири саҳнаи алайҳи Заҳҳоки морон бархостани Коваи оҳангар кӯшишу собитқадамиро барои ҳимояи идома ёфтани насли башар нишон додаст.

Чунин ақоид дар адабиёти тоҷику форс вуҷуд доранд. Масалан, аллома Иқбол дар доманаи кӯҳсорони Ҳиндукуш тарафдори кӯшишу собитқадамист:

Мешавад пардаи чашмам пари коҳе гоҳе,
Дидаам ҳар ду ҷаҳонро ба нигоҳе гоҳе.
Дар талаб кӯшу мадеҳ домани мақсуд зи каф,
Давлате ҳаст, ки ёбӣ сари роҳе гоҳе.

Агар дар шуури хонанда ҷой кунем, ки пайваста ва монда нашуда хонед, олиму доно мешавед, аз ноомадиҳо натарсида, чора ҷӯед, ба ҳадаф, албатта, мерасед, дар эшон эҳсоси кӯшиш ва собитқадамӣ пайдо мешавад. В-агарна таҳти таассурот (ҳамон стереотипҳо)-и мардуми бебарору руҳафтодашуда мемонанд. Онҳо дар паси пардаи торикӣ партави рӯзро намебинанд. Ба қавли Ҳаким Фирдавсӣ:

Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
Ки абри сияҳ зояд оби сафед.

Чунин дурдонаҳо дар адабиёти тоҷику форс кам нестанд. Хосса, мисраи дуюм моҳияти ҷомеаи моро ифода мекунад: ин ҷо ғояи ваҳдату ҳамбастагист. Ғайр аз ин, идеяи аврупоиён – «кор дар команда», ки муҷиби рушди иқтисодиёти онҳост.

Бо ин мақсад, муаллим ё мураббӣ (роҳбарони синфҳо)-ро зарур аст, ки аз мисолҳои зиндаи ҳаётӣ намунаҳо оранд, то ки тарбия мақсаднок ба роҳ монда шавад, зеро илми педагогика тарбияро тағйироти сифатӣ меномад.

Шехмирзо РАҶАБӢ,
омӯзгори педагогикаи Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Мастчоҳ

АНДЕША

ТАРБИЯРО АЗ КАДОМ СИННУ СОЛ БОЯД ОҒОЗ КАРД?

«То 7-солагӣ бо кӯдак бозӣ намоед, аз 7 то 14-солагӣ ӯро омӯзонед ва аз 14 то 21-солагӣ дӯсташ бошед».

Ин андеша ба яке аз мавзуъҳои пурбаҳс табдил ёфтааст. Ҳазорон нафар онро мубодила мекунанд, баъзеҳо онро кашфиёти нави психологияи муосир меҳисобанд. Ҳатто чунин иддао низ садо медиҳад, ки гӯё психологҳои Донишгоҳи Ҳарвард танҳо дар солҳои охир ба хулосае расидаанд, ки ҳанӯз беш аз чордаҳ аср пеш маълум будааст.

Аммо саволи асосӣ ин аст: оё тарбияи кӯдакро метавон танҳо бо чунин қоида сода шарҳ дод? Оё рушди кӯдак воқеан, ба се марҳалаи ҳафтсола тақсим мешавад? Ва муҳимтар аз ҳама, омӯзгорон ва падару модарон аз ин назария чӣ метавонанд биомӯзанд?

Посух ба ин саволҳо таҳлили амиқи илмӣ, педагогӣ ва психологиро талаб мекунад. Илми муосир собит намудааст, ки рушди кӯдак раванди бисёрҷанба буда, ба омилҳои ирсӣ, муҳити оилавӣ, сифати таълим, муносибати омӯзгор, фарҳанги ҷомеа ва ҳатто вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳар гуна қоида бояд бо эҳтиёт арзёбӣ карда шавад.

Бо вуҷуди ин, агар ба моҳияти андешаи «бозӣ – омӯзиш – дӯстӣ» назар андозем, мебинем, ки он бо бисёр назарияҳои маъруфи педагогика ва психология ҳамоҳангии ҷолиб дорад. Маҳз ҳамин ҳамоҳангӣ сабаб шудааст, ки ин андеша то имрӯз аҳаммияти худро гум накардааст.

Имрӯз, ки низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи муносибати босалоҳият, рушди тафаккури интиқодӣ, ташаккули малакаҳои ҳаётӣ ва тарбияи шахсияти созанда равона гардидааст, масъалаи дуруст дарк намудани хусусиятҳои синнусолии кӯдак беш аз ҳар вақти дигар аҳаммияти амалӣ касб мекунад. Омӯзгоре, ки хусусиятҳои психологӣ ва имконоти рушди ҳар давраи синнусолиро намедонад, ҳатто бо дониши баланди фаннӣ низ наметавонад ба натиҷаҳои устувори таълимию тарбиявӣ ноил гардад.

Ҳамзамон, то имрӯз ягон пажуҳиши расмии Донишгоҳи Ҳарвард мавҷуд нест, ки айнан ҳамин қоидаи «се марҳилаи ҳафтсола»-ро ҳамчун модели универсалии рушди кӯдак тасдиқ карда бошад. Вале ин маънои онро надорад, ки худи ғоя арзиш надорад.

Дар илми педагогика ва психология ақидае вуҷуд дорад, ки тарзи муносибат бо кӯдак бояд мутобиқи синну соли ӯ тағйир ёбад. Гарчанде қоидаи маъруфи «То 7-солагӣ бо кӯдак бозӣ намоед, аз 7 то 14-солагӣ ӯро омӯзонед ва аз 14 то 21-солагӣ дӯсташ бошед» ҳамчун қонуни илмӣ эътироф нашудааст, аммо муҳтавои он бо бисёр назарияҳои муосири рушди кӯдак ҳамоҳанг аст.

То 7-солагӣ кӯдак ҷаҳонро, пеш аз ҳама, тавассути бозӣ мешиносад. Бозӣ танҳо воситаи фароғат нест, балки роҳи ташаккули нутқ, тафаккур, эҷодкорӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии падару модар ва мураббӣ дар ин марҳала муҳайё сохтани муҳити солим, бехатар ва пурмуҳаббат аст.

Аз 7 то 14-солагӣ кӯдак ба омӯзиши ҳадафманд ва азхудкунии мунтазами дониш омода мегардад. Дар ин давра эҳсоси масъулият, интизом, меҳнатдӯстӣ ва малакаҳои омӯзишӣ ташаккул меёбанд. Нақши омӯзгор маҳз дар ҳамин марҳала бисёр муҳим аст. Ӯ бояд на танҳо дониш омӯзонад, балки шавқи омӯзиш, тафаккури мустақил ва эҳсоси масъулиятро низ дар хонанда парвариш намояд.

Аз 14-солагӣ боло наврас тадриҷан мустақилияти фикриро соҳиб мешавад. Дар ин синну сол муносибати фармондеҳона самаранокии худро аз даст медиҳад. Муколама, эҳтироми андешаи наврас ва эътимод ба ӯ бештар натиҷа медиҳанд. Ин маънои онро надорад, ки назорат пурра аз байн равад, балки усули тарбия бояд аз фармон додан ба роҳнамоӣ ва ҳамкорӣ гузарад.

Педагоги маъруф Василий Сухомлинский таъкид мекард, ки тарбия муносибати инсонии омӯзгор бо кӯдак аст. Ба ҳамин монанд, Абуалӣ ибни Сино низ муҳити солими ахлоқӣ ва намунаи шахсии калонсолонро омили муҳимми камолоти кӯдак медонист.

Қоидаи «бозӣ – омӯзиш – дӯстӣ» шояд қоидаи қатъии илмӣ набошад, аммо як ҳақиқати муҳимми педагогиро инъикос мекунад: тарбия бояд бо синну сол ва эҳтиёҷоти рушди кӯдак ҳамқадам бошад. Вақте ки падару модар ва омӯзгор хусусиятҳои ҳар марҳалаи рушдро ба назар мегиранд, барои ташаккули шахсияти донишманд, масъулиятшинос ва худогоҳ заминаи устувор фароҳам меояд.

Юнус ҲАСАНЗОДА,
сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар шаш моҳи соли 2026 дар кишвар теъдоди муассисаҳои томактабӣ 831 адад ва шумораи кӯдакони фарогирифта 134263 нафарро ташкил дод.

ФАРОҒАТИ ТОБИСТОНА



ИСТИРОҲАТ, ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ҚОБИЛИЯТҲО

Фаъолияти истироҳатгоҳҳои тобистонаи кӯдакон дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи соҳавӣ ба роҳ монда мешавад. Давлат барои таъмини ҳуқуқи кӯдакон ба истироҳат, ҳифзи саломатӣ ва рушди ҳамаҷониба заминаҳои зарурии ҳуқуқӣ фароҳам овардааст.

Дар ташкили фаъолияти истироҳатгоҳҳо нақши муассис, роҳбарият, кормандони педагогӣ ва дигар мутахассисон муҳим мебошад.

Вазифаҳои асосии роҳбарияти истироҳатгоҳҳо аз инҳо иборатанд:

- таъмини бехатарии кӯдакон;
- ташкили ғизои босифат;
- таҳияи барномаҳои тарбиявӣ;
- интихоб ва омодасозии кадрҳо;
- назорати ҳолати санитарӣ;
- ташкили фаъолияти фарҳангӣ ва варзишӣ.

Яке аз масъалаҳои муҳимми ташкили истироҳатгоҳҳо, таъмини дастрасии баробар ба истироҳати босифат мебошад. Ба ин раванд, кӯдакони ятим, бепарастор, аз оилаҳои камбизоат, инчунин, хонандагони фаъол ва ғолибони озмуну олимпиадаҳо бештар фаро гирифта мешаванд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии методиро амалӣ намуда, барои таҳияи барномаҳои таълимию тарбиявӣ, омодасозии кадрҳо ва баланд бардоштани сифати фаъолияти истироҳатгоҳҳо чораҳои зарурӣ меандешад.

Таътили тобистона на танҳо фурсати истироҳат аз раванди таълим, балки имконияти муҳим барои барқарор намудани неруи ҷисмонӣ ва равонӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ, ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ ва ғанӣ гардонидани таҷрибаи зиндагии кӯдакону наврасон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истироҳатгоҳҳои тобистона ҳамчун яке аз шаклҳои муҳимми таҳсилоти иловагӣ фаъолият намуда, барои ташкили муҳити солими таълимию тарбиявӣ ва фароғатӣ шароити мусоид фароҳам меоранд. Дар ин муассисаҳо хонандагон дар баробари истироҳат ба чорабиниҳои фарҳангӣ, маърифатӣ, варзишӣ, экологӣ ва эҷодӣ ҷалб гардида, имконият пайдо мекунанд, ки истеъдод ва қобилиятҳои худро рушд диҳанд, муносибатҳои нави иҷтимоиро аз худ намоянд ва фарҳанги ҳамкориро тақвият бахшанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми муҳити истироҳатгоҳӣ, ташкили фазои мусоиди иҷтимоӣ мебошад. Дар як гурӯҳ ҷамъ омадани кӯдакон аз минтақаҳо муҳити иҷтимоӣ ва оилаҳои гуногун барои ташаккули малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, эҳтироми ҳамдигар, таҳаммулпазирӣ ва масъулиятшиносӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар чунин муҳит кӯдак таҷрибаи нави иҷтимоӣ андӯхта, муносибатҳои байниҳамдигариро дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ ба роҳ мемонад.

Самти муҳими дигари фаъолияти истироҳатгоҳҳои тобистона, солимгардонии кӯдакону наврасон мебошад. Дар давоми соли таҳсил хонандагон зери таъсири сарбории ҷисмонӣ ва равонӣ қарор мегиранд. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки таътили тобистона барои барқарор намудани неруи ҷисмонӣ, равонӣ ва таҳкими саломатӣ мусоидат мекунад.

Истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ, ки одатан дар минтақаҳои дорои иқлими мусоид, ҳавои тоза ва муҳити табиии солим ҷойгир шудаанд, барои амалӣ намудани барномаҳои солимгардонӣ имкониятҳои васеъ доранд. Машқҳои пагоҳирӯзӣ, бозиҳои серҳаракат, мусобиқаҳои варзишӣ, сайругашт ва саёҳатҳои экологӣ вазъи ҷисмонию равонии хонандагонро беҳтар месозанд.

Дар ҷумҳурӣ як қатор истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ фаъолият доранд: Аз ҷумла, истироҳатгоҳҳои «Шарора», «Зимчруд», «Ҳамсафар», «Файзи истиқлол».

Дар вилояти Суғд истироҳатгоҳҳои «Гагарин», дар шаҳри Исфара «Парасту», дар шаҳри Конибодом «Бародарҳон», дар ноҳияи Ашт, Маркази солимгардонии Суғд дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ва ғайра фаъолият менамоянд.

Дар вилояти Хатлон низ истироҳатгоҳҳои «Шарора» ва «Офтобак» дар истироҳати тобистонаи хонандагон саҳм мегузоранд.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо дарназардошти хусусиятҳои табиии минтақа истироҳатгоҳҳои «Сағирдашт», «Зинг» ва «Саодат» барои истироҳат ва солимгардонии кӯдакон шароити мусоид доранд.

Дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ ташкили истироҳатгоҳҳои солимгардонии наздимуассисавии тобистона ташкил карда мешаванд. Ин нишон медиҳад, ки истироҳатгоҳҳои назди муассисаҳои таълимӣ ҳамчун шакли дастрас ва самараноки ташкили истироҳати кӯдакон аҳаммияти калон пайдо намудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавре ки дар боло қайд кардем, истироҳатгоҳҳо асосан ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо мешаванд: истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрии солимгардонӣ ва истироҳатгоҳҳои солимгардонии наздимуассисавӣ .

Ҳар ду навъи истироҳатгоҳҳо ҳадафи умумӣ доранд-таъмини истироҳати ҳифзи саломатӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ташаккули малакаҳои иҷтимоии хонандагон. Бо вуҷуди ин, онҳо аз рӯйи ҷойгиршавӣ, муҳити фаъолият, давомнокии бастҳо ва муҳтавои барномаҳои тарбиявӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Истироҳатгоҳҳои беруназшаҳрӣ шакли маъмули ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакону наврасон мебошанд. Онҳо одатан дар минтақаҳои дорои иқлими мусоид ва ҳавои тоза ҷойгир гардида, барои истироҳат, солимгардонӣ ва рушди ҳамаҷонибаи хонандагон мусоидат менамоянд.

М. ДАВЛАТЗОДА,
директори Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ

АМАЛИ НОМАТЛУБ

Пешгирии амалҳои коррупсионӣ – тақозои замон

Бо мақсади мубориза бо коррупсия дар мамлакат бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 10.01.2007) Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, ки вазифаҳои асосии он аз назорати давлатии молиявӣ, пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ иборат мебошад. Коррупсия (фасод, ришвахорӣ) амали нанговар буда, монеаи пешрафту шукуфоии кишвар мегардад. Ин аст, ки яке аз самтҳои фазалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мондани пешгирии коррупсия буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ришваситонӣ падидаи иҷтимоиест, ки дар тафаккури ҷамъиятӣ низ фаҳмиш ва тафсири якхела надорад. Муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, он бо ришва, сӯйистифода аз мансаб, судхӯриву пораситонӣ, хушомад задану тамаллуққорӣ ва ғайра маънидод мешавад. Албатта, ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро заиф менамояд. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «…Коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсиониро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳурот ва поён овардани шиддати он сафарбар созем».

Ришваситонӣ аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳсуб мешавад. Муқовимат бо коррупсия ҷузъи муҳимми сиёсати Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон мебошад.

Бузургони аҳли илму адаби олам, аз ҷумла, ниёгони мо пораву ришваситониро бадтарин падидаи амали инсонӣ дониста, онро омили халалдор гардидани вазъи ҷомеа ва зиндагии орому осоиштаи мардум донистаанд.

Масалан, Носири Хусрав фармудааст:

Тамаъ бисёр кардан хорӣ орад,
Натиҷа хорӣ аз гамхорӣ орад.

Ё худ Шамсиддин Шоҳин таъкид кардааст:

Муҳтасиб, ришва ҳаром аст, ту хоҳӣ хӯрдан,
Ман ҳам ар май хӯрам, инсоф куну хурда магир.

Шайх Саъдӣ бошад, ришваситониро чунин мазаммат кардааст:

Бигӯ, он чи донӣ, ки ҳақ гуфта беҳ,
На ришватситонию на ришвадеҳ.

Барои аз байн бурдан, паст кардани шиддати ришваситонӣ, албатта, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои судманд андешида мешаванд. Хусусан, ба тасвиб расидани як қатор санадҳо – Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ва стратегияҳо аз ин қабиланд.

Барои мубориза ба ин зуҳуроти номатлуб «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул шудааст, ки он ҳамчун санади барномавии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб меравад. Стратегия вазорату идораҳо ва муассисаҳои давлатӣ, ташкилотҳои давлатию ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсони мансабдорро вазифадор намудааст, ки дар доираи нақшаи таҳиягардида вобаста ба салоҳияти худ корро дар сатҳи пешгирӣ, чораҳои фаҳмондадиҳӣ, ошкорсозӣ ва бартараф намудани сабабу шароити пайдокунандаи коррупсия ва ба он мусоидаткунанда ҷоннок намоянд. Муқовимат ба коррупсия дар асоси ҳадафҳои қонуният, афзалияти ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва мафиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, истифодаи мунтазам ва ҳамаҷонибаи чораҳои зиддикоррупсионӣ, татбиқи афзалиятноки чораҳои пешгирии коррупсия амалӣ карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, ба хотири иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба мақомоти давлатӣ ва афзоиши самаранокии мубориза бар зидди коррупсия зарур аст, ки фаъолият дар ин самт бо ҷалби васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди ҷомеа ба роҳ монда шавад. Аз ҷумла, дар ҳамаи корхонаву муассисаҳои хусусию давлатӣ бояд иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба таври ҳатмӣ таъмин гардад.

Мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар мубориза бо он тамоми сокинон, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла, намояндагони матбуоти даврӣ низ бояд бетараф набошанд.

Роҳбарияти мамлакат аз рӯзҳои нахустини ноил шудан ба соҳибихтиёрӣ ба масъалаи мубориза бар зидди коррупсия, пеш аз ҳама, ба маҳв кардан ва пешгирии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд. Зеро ҷиноятҳои коррупсионӣ фаъолияти муназзами мақомоти давлатиро халалдор намуда, ба раванди рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ахлоқу афкори ҷамъият ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.


Дарвоқеъ, дар ҷаҳони муосир коррупсия ба амнияти сиёсии кишварҳо таҳдид намуда, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаҳоро халалдор месозад. Бинобар ин, ширкат кардан дар пешгирии амалҳои коррупсионӣ бояд вазифа ва қарзи виҷдонии ҳар як сокини мамлакат бошад. Танҳо тавассути муборизаи дастаҷамъона мо метавонем дар боби аз байн бурдану решакан кардани он саҳми бориз гузорем.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Дар Тоҷикистон 11 лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи роҳу нақлиёт ба маблағи беш аз 1,1 миллиард доллар амалӣ мегардад.

МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ

Дар марҳалаи муосири тараққиёти ҷомеа, ки бо тағйироти босуръати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ тавсиф меёбад, масъалаи ташаккули шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта, иҷтимоан фаъол ва рақобатпазир аҳаммияти калидӣ касб намудааст. Дар ин замина, ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми омодасозии хонандагон ба ҳаёти мустақил, фаъолияти касбӣ ва ҳамгироии муассир бо муҳити иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин сабаб, таҳқиқ ва татбиқи роҳу усулҳои самараноки рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ дар раванди таълим, махсусан, тавассути имкониятҳои фанҳои табиатшиносӣ, аз ҷумла, физика ба яке аз самтҳои афзалиятноки илми педагогика табдил ёфтааст.



Корҳои беруназсинфӣ – омили муҳимми рушди салоҳиятнокӣ

Дар марҳалаи ташаккулдиҳанда барномаи махсуси чорабиниҳои беруназсинфӣ бо истифода аз усулҳои интерактивӣ ва технологияҳои муосир татбиқ гардид. Раванди таълим ба тавре ташкил карда шуд, ки ҳар як хонанда имконияти фаъолона иштирок кардан, ибрози андеша намудан ва ҳамкорӣ карданро дошта бошад. Нақши Салоҳиятҳои иҷтимоӣ ҳамчун низоми мураккаби интегративӣ маҷмуи донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳои коммуникативӣ ва хусусиятҳои шахсиро дар бар мегиранд, ки барои ташкили ҳамкории муассир заруранд. Ба таркиби онҳо малакаҳои муошират (шунидан, фаҳмидан, ифодаи андеша), қобилияти ҳамкорӣ, малакаҳои ҳалли низоъ, салоҳияти эҳсосотӣ (эмпатия ва худтанзимкунӣ), инчунин, сифатҳои роҳбарӣ ва масъулият дохил мешаванд.

Ҳамчун соҳаи донишҳои таҷрибавӣ ва таҳлилӣ фанни физика дорои имкониятҳои фаровони педагогӣ барои рушди на танҳо тафаккури мантиқӣ, балки салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон маҳсуб меёбад. Махсусан, чорабиниҳои беруназсинфии физика ҳамчун шакли муҳимми фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ метавонад муҳити фаъол, ҳамкорӣ ва эҷодиро ба вуҷуд оварад. Дар чунин муҳит хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки дар фаъолияти гурӯҳӣ иштирок намуда, нақшҳои гуногуни иҷтимоиро таҷриба кунанд, қарорҳои муштарак қабул намоянд ва муносибатҳои байнишахсиро танзим кунанд.

Ба шаклҳои асосии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ метавонад конференсияҳои илмӣ, озмунҳо ва олимпиадаҳо, таҷрибаҳои гурӯҳӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ, бозиҳои зеҳнӣ, квестҳои таълимӣ, мубоҳисаҳо ва презентатсияҳо дохил шаванд. Ҳар яке аз ин шаклҳо ба таври мақсаднок ба рушди ҷанбаҳои муайяни салоҳиятҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади санҷиши самаранокии чунин равиш, таҳқиқоти таҷрибавӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе ва Ҳисор бо фарогирии 518 нафар хонанда гузаронида шуд. Тадқиқот дар асоси принсипҳои илмӣ, объективӣ ва пайдарпайӣ ташкил гардида, се марҳаларо дар бар гирифт: муайянкунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ.

Дар марҳалаи муайянкунанда сатҳи ибтидоии ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ тавассути усулҳои эмпирикӣ (саволнома, мушоҳида, мусоҳиба ва тест) муайян карда шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки аксари хонандагон дорои сатҳи миёна мебошанд. Камбудиҳо бештар дар самтҳои ташаббускорӣ, фаъолияти гурӯҳӣ, қобилияти роҳбарӣ ва ҳалли низоъҳо ба мушоҳида мерасиданд.

омӯзгор дар ин раванд ҳамчун роҳнамо ва ҳамоҳангсоз аҳаммияти калидӣ касб намуда, тавассути дастгирии педагогӣ ва ҳавасмандгардонӣ муҳити мусоиди рушди иҷтимоиро фароҳам овард.

Марҳалаи назоратӣ нишон дод, ки дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ба таври назаррас баланд гардид. Хонандагон дар малакаҳои муошират, ҳамкорӣ, роҳбарӣ ва ҳалли мушкилот пешрафти устувор нишон доданд. Дар муқоиса, дар гурӯҳи назоратӣ, ки усулҳои анъанавӣ истифода мешуданд, тағйироти назаррас камтар буд. Таҳлили оморӣ эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро тасдиқ намуд.

Ҳамзамон, арзёбии салоҳиятҳои иҷтимоӣ бояд дар баробари донишҳои фаннӣ амалӣ гардад, ки ин ба рушди ҳамаҷонибаи хонандагон мусоидат мекунад.

Сабаб ва омилҳои рӯ овардан ба таҳқиқи ин мавзуъ низ дорои заминаҳои мустаҳками илмӣ ва амалӣ мебошанд. Аз ҷумла, норасоии таҳқиқоти мукаммал дар ин самт, талаботи низоми маориф ба усулҳои инноватсионӣ, аҳаммияти иҷтимоии масъала, зарурати баланд бардоштани сифати таълим ва ҳавасмандии касбии омӯзгорон ба ин раванд таъсири бевосита мерасонанд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки истифодаи мақсаднок ва илмии асосноки чорабиниҳои беруназсинфии фанни физика ҳамчун муҳити муассири иҷтимоӣ-педагогӣ метавонад ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон таъсири назаррас расонад. Ҳамгироии фаъолияти беруназсинфӣ бо раванди таълим метавонад ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми таҳсилоти муосир ва рушди салоҳиятноки хонандагон хизмат намояд.

Фаъолияти гурӯҳӣ дар корҳои амалӣ дар фанни физика барои азхудкунии донишҳои фаннӣ, рушди салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагон нақши калидӣ дорад. Он тавассути ҳамкорӣ ва иштироки фаъол малакаҳои муошират, масъулият ва худидоракуниро ташаккул дода, самаранокии худро, махсусан, дар чорабиниҳои беруназсинфӣ исбот менамояд.

Муҳаммад САФАРОВ,
номзади илмҳои педагогӣ, муовини сардори Маркази «Тоҷикшиносӣ»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР ДАР ДАРС

Дар шароити рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, низоми маориф низ ба марҳалаи нави рушд ворид гардидааст. Маҳз истифодаи техника ва технологияҳои муосири таълим имкон медиҳад, ки сифати таълим баланд гардида, шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиш бештар гардад.

Технологияҳои муосири таълим маҷмуи усулҳо, воситаҳо, шаклҳои ташкил ва идоракунии раванди таълим буда, барои баланд бардоштани самаранокии омӯзиш истифода мешаванд.

Имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ чунин воситаҳо бештар истифода мешаванд: тахтаи электронӣ, проектор ва мониторҳои интерактивӣ, компютер ва ноутбук, планшет ва телефонҳои мобилӣ, китобхонаҳои электронӣ, презентатсияҳои мултимедиявӣ, платформаҳои омӯзишии рақамӣ, захираҳои интернетӣ ва шабакаҳои таълимӣ.

Истифодаи дуруст ва мақсаднок ин воситаҳо имкон медиҳад, ки муҳтавои дарс ҷолиб, фаҳмо ва хотирмон гардад. Дар дарсҳои забони тоҷикӣ омӯзгор метавонад аз техника ва технологияҳои муосир барои рушди маҳорати забонӣ – шунидан, гуфтан, хондан ва навиштан истифода намояд. Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзуи «Овоз ва ҳарф» ё «Қоидаҳои имло» истифодаи слайдҳо, аниматсияҳо ва машқҳои интерактивӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки маводи таълимиро беҳтар дарк намоянд. Ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои грамматикӣ ҷадвалҳо ва нақшаҳои электронӣ метавонанд муносибатҳои байни воҳидҳои забонро равшан нишон диҳанд. Яке аз бартариҳои муҳимми технологияҳои рақамӣ дар он аст, ки онҳо имконияти таълими инфиродиро фароҳам меоранд. Омӯзгор метавонад барои хонандагони дорои сатҳи гуногуни дониш супоришҳои алоҳида омода намуда, раванди таълимро ба имкониятҳои ҳар як хонанда мутобиқ созад.

Адабиёт аз ҷумлаи фанҳое мебошад, ки истифодаи технологияҳои муосир дар он самаровар аст. Ҳангоми омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адибон омӯзгор метавонад аз филмҳои ҳуҷҷатӣ, наворҳои таълимӣ, экскурсияҳои виртуалӣ, харитаҳои интерактивӣ, муаррифиномаҳои электронӣ истифода намояд. Масалан, ҳангоми омӯзиши осори устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Айнӣ ё Мирзо Турсунзода намоиши тасвирҳо, порчаҳои видеоӣ ва аудиоӣ хонандагон маълумоти дақикро дар хусуси муҳити таърихиву фарҳангии давраи зиндагии онҳо аз бар мекунанд. Хондани шеър бо сабти овозии ҳунармандони касбӣ ё шунидани ғазалҳо дар шакли суруд ба дарки амиқи муҳтавои асар мусоидат менамояд. Ҳамчунин, таҳияи лоиҳаҳои эҷодӣ, презентатсияҳо ва таҳқиқоти хурд аз ҷониби худи хонандагон малакаҳои таҳлилӣ, мустақилият ва фаъолияти эҷодии онҳоро инкишоф медиҳад.

Барои он ки технологияҳо воқеан, ба беҳтар шудани сифати таълим мусоидат намоянд, истифодаи онҳо бояд ҳадафманд бошад. Чунончи:

1. Дарси интерактивӣ. Дар чунин дарс хонанда иштирокчии фаъоли раванди омӯзиш мегардад. Бо истифода аз тахтаи электронӣ, тестҳои рақамӣ ва саволу ҷавобҳои интерактивӣ хонандагон ба фаъолияти омӯзишӣ ҷалб карда мешавад.

2. Усули лоиҳавӣ. Хонандагон метавонанд дар бораи ҳаёт ва фаъолияти шоирон, таърихи забони тоҷикӣ ё мавзуъҳои адабӣ лоиҳа таҳия намуда, онро бо воситаи презентатсия



ҳимоя намоянд.

3. Таълими таҳқиқотӣ. Бо истифода аз интернет ва китобхонаҳои электронӣ хонандагон метавонанд маълумот ҷамъоварӣ намуда, таҳлил ва муқоиса анҷом диҳанд.

4. Викторина ва озмунҳои рақамӣ. Тестҳои электронӣ ва бозиҳои таълимӣ муҳити рақобати солимро ба вуҷуд оварда, шавқу ҳаваси хонандагонро зиёд менамоянд.

5. Китобхонаи рақамӣ. Дастрасӣ ба осори классикон ва нависандагони муосир дар шакли электронӣ имконияти мутолиаи бештарро фароҳам месозад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи мақсадноки технологияҳои таълимӣ дорои бартариҳои зерин мебошад: баланд гардидани сифати дониш, зиёд шудани фаъолнокии хонандагон, рушди тафаккури интиқодӣ, ташаккули малакаҳои рақамӣ, сарфаи вақт дар раванди таълим, беҳтар гардидани назорат ва баҳогузорӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва мустақилияти хонандагон, таҳкими робитаи назария ва амалия.

Сарфи назар аз дастовардҳо, дар истифодаи технологияҳои муосир баъзе мушкилот низ вуҷуд доранд, аз ҷумла, нокифоя будани таҷҳизоти техникӣ дар баъзе муассисаҳо, паст будани суръати интернет, камбуди маводи электронии таълимӣ бо забони тоҷикӣ ва сатҳи нобаробари саводнокии рақамии омӯзгорон.

Барои ҳалли ин масъалаҳо, тақвияти заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ, ташкил намудани курсҳои такмили ихтисос оид ба технологияҳои рақамӣ, таҳияи захираҳои электронии босифат бо забони тоҷикӣ, мубодилаи таҷрибаи пешқадам байни омӯзгорон, ҷорӣ намудани таҷрибаи дарсҳои намунавӣ ва озмунҳои касбӣ зарур аст.

Хулоса, дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ истифодаи техника ва технологияҳои муосири таълим талаботи замони муосир мебошад. Дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик тавассути технологияҳои нав метавонанд ҷолибу муассир ва ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ гарданд.

Иқбол ҲОМИДОВ,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики МТМУ №6-и ноҳияи Зафаробод

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 25 ихтисоси нав дар соҳаи саноати металлургияи сиёҳ таъсис меёбад.

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти бистум (синфҳои 8 ва 9)

ИФОДАҲОИ ИРРАТСИОНАЛӢ

Масъалаи 95. Ҳисоб кунед.

$$\sqrt{2^{6^{2^{1^{7^4}}}}}.$$

Масъалаи 96. Исбот кунед, ки адади зерин бутун аст:

$$\sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{3-8\sqrt{35-8\sqrt{19}}}}.$$


Масъалаи 97. Ҳисоб кунед:

$$\sqrt{506+\sqrt{506+\sqrt{506+\sqrt{506+\ldots}}}}.$$

Масъалаи 98. Қимати ифодаро ёбед:

$$\sqrt[3]{70+\sqrt{4901}}+\sqrt[3]{70-\sqrt{4901}}.$$

Масъалаи 99. Адади $\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}-\sqrt[3]{\sqrt{5}-2}$ ратсионалӣ ё ирратсионалӣ аст?



ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

95. Ҳал. Дар ин ҷо $7^4 = n$ ишора карда, ифодаи зери решаро табдил медиҳем:

$$\sqrt{2^{6^{2^{1^{7^4}}}}} = \sqrt{2^{6^{2^{1^{n}}}}} = \sqrt{2^{6^{2^{1}}}} = \sqrt{2^{6^{2}}} = \sqrt{2^{36}} = \sqrt{(2^{18})^2} = 2^{18} =$$
$$= 2^{9+9} = 2^9 \cdot 2^9 = 512 \cdot 512 = 262144.$$

Ҷавоб: 262144.

96. Исбот. Ифодаҳои зери решаи квадратиро ба тариқи зерин табдил медиҳем:

$$\sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{3-8\sqrt{35-8\sqrt{19}}}} =$$
$$= \sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{3-8\sqrt{19-2\cdot 4\cdot\sqrt{19}+4^2}}} =$$
$$= \sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{3-8\sqrt{(\sqrt{19}-4)^2}}} = \sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{3-8|\sqrt{19}-4|}} =$$
$$= \sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{3-8(\sqrt{19}-4)}} = \sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{35-8\sqrt{19}}} =$$
$$= \sqrt{\sqrt{19}-\sqrt{(\sqrt{19}-4)^2}} = \sqrt{\sqrt{19}-(\sqrt{19}-4)} = \sqrt{4} = 2.$$

Пас адади матлуб бутун аст. **Исбот шуд.**

97. Ҳал. $\sqrt{506+\sqrt{506+\ldots}} = x$ карда, онро ба намуди зерин менависем: $\sqrt{506+x} = x$.

Ҳар ду тарафи муодиларо ба квадрат бардошта, онро ҳал мекунем:

$506 + x = x;$ $\qquad x^2 - x - 506 = 0;$

$$x_{1,2} = \frac{1 \pm \sqrt{1+4\cdot 506}}{2} = \frac{1 \pm \sqrt{2025}}{2} = \frac{1 \pm 45}{2}.$$

Аз ин ҷо $x_1 = \frac{1+45}{2} = 23$ ва $x_2 = \frac{1-45}{2} = -22 < 0$ мешавад. Пас, қимати ифодаи матлуб ба 23 баробар будааст.

Ҷавоб: 23.

98. Ҳал. Ифодаи матлубро ба a ишора мекунем:

$\sqrt[3]{70+\sqrt{4901}}+\sqrt[3]{70-\sqrt{4901}} = a.$

Ҳар ду тарафи ифодаи мазкурро ба куб бардошта, онро табдил медиҳем:

$\left(\sqrt[3]{70+\sqrt{4901}}+\sqrt[3]{70-\sqrt{4901}}\right)^3 = a^3;$

$\left(\sqrt[3]{70+\sqrt{4901}}\right)^3 + 3\cdot\sqrt[3]{70+\sqrt{4901}}\cdot\sqrt[3]{70-\sqrt{4901}}\times$
$\times\left(\sqrt[3]{70+\sqrt{4901}}+\sqrt[3]{70-\sqrt{4901}}\right)^3 + \left(\sqrt[3]{70-\sqrt{4901}}\right)^3 = a^3;$

$70+\sqrt{4901}+\left(3\sqrt[3]{(70+\sqrt{4901})(70-\sqrt{4901})}\cdot a + 70 - \sqrt{4901}\right) = a^3;$

$140 + 3\sqrt[3]{70^2-(\sqrt{4901})^2}\cdot a = a^3;$

$140 + 3\sqrt[3]{4900-4901}\cdot a = a^3;$

$140 - 3a = a^3;\ a^3 + 3a - 140 = 0.$

Муодилаи ҳосилшударо бо тарзи гурӯҳбандӣ ҳал мекунем:

$a^3 - 125 + 3a - 15 = 0;\ a^3 - 5^3 + 3(a-5) = 0;$

$(a-5)(a^2+5a+25) + 3(a-5) = 0;$

$(a-5)(a^2+5a+28) = 0.$

Аз ин ҷо $a - 5 = 0$ ё ки $a^2 + 5a + 28 = 0$ мешавад. Аз муодилаи якум $a = 5$ ҳосил шуда, муодилаи дуюм дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал надорад.

Ҷавоб: 5.

99. Ҳал. Тарзи якум. Барои муайян намудани ратсионалӣ ё ирратсионалӣ будани ифодаи додашуда онро бо x ишора мекунем:

$\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}-\sqrt[3]{\sqrt{5}-2} = x.$

Ҳар ду тарафи ин баробариро ба куб бардошта, онро табдил медиҳем:

$\left(\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}-\sqrt[3]{\sqrt{5}-2}\right)^3 = x^3;$

$\left(\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}\right)^3 - 3\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}\sqrt[3]{\sqrt{5}-2}\times$
$\times\left(\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}-\sqrt[3]{\sqrt{5}-2}\right)^3 - \left(\sqrt[3]{\sqrt{5}-2}\right)^3 = x^3;$

$2+\sqrt{5} - 3\sqrt[3]{(\sqrt{5}+2)(\sqrt{5}-2)}\cdot x - (\sqrt{5}-2) = x^3;$

$2+\sqrt{5} - 3\sqrt[3]{\sqrt{5}-4}\cdot x - \sqrt{5} + 2 = x^3;$

$4 - 3x = x^3;$

$x^3 + 3x - 4 = 0.$

Муодилаи кубиро бо тарзи гурӯҳбандӣ ҳал мекунем:

$(x^3-1) + (3x-3) = 0;$

$(x-1)(x^2+x+1) + 3(x-1) = 0;$

$(x-1)(x^2+x+4) = 0.$

Аз ин ҷо $x - 1 = 0$ ё ин ки $x^2 + x + 4 = 0$ шуда, аз муодилаи аввал $x = 1$-ро ҳосил мекунем. Аммо муодилаи дуюм дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал надорад.

Ҳамин тавр, $\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}-\sqrt[3]{\sqrt{5}-2} = 1$ мешавад.

Пас ифодаи матлуб адади ратсионалӣ будааст.

Тарзи дуюм. Ифодаи зери решаҳои кубиро табдил медиҳем:

$$\sqrt[3]{2+\sqrt{5}} = \sqrt[3]{\frac{16+8\sqrt{5}}{8}} = \sqrt[3]{\frac{1+3\sqrt{5}+3\cdot 5+(\sqrt{5})^3}{8}} =$$
$$= \sqrt[3]{\left(\frac{1+\sqrt{5}}{2}\right)^3} = \frac{1+\sqrt{5}}{2}.$$
$$\sqrt[3]{\sqrt{5}-2} = \sqrt[3]{\frac{8\sqrt{5}-16}{8}} =$$
$$= \sqrt[3]{\frac{(\sqrt{5})^3 - 3\cdot(\sqrt{5})^2\cdot 1 + 3\cdot\sqrt{5}\cdot 1^2 - 1^3}{8}}$$
$$= \sqrt[3]{\left(\frac{\sqrt{5}-1}{2}\right)^3} = \frac{\sqrt{5}-1}{2}.$$

Пас, $\sqrt[3]{2+\sqrt{5}}-\sqrt[3]{\sqrt{5}-2} = \frac{1+\sqrt{5}}{2} - \frac{\sqrt{5}-1}{2} = \frac{1+\sqrt{5}-\sqrt{5}+1}{2}$
$= \frac{2}{2} = 1$ аст. Яъне, фарқи ифодаҳои додашуда адади ратсионалӣ аст.

Ҳамин тавр, ифодаи матлуб адади ратсионалӣ будааст.

Ҷавоб: Адади ратсионалӣ.

Тарзҳои дигари ҳал ба хонандагон ҳавола карда мешавад.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

МАСЪАЛАҲОИ ШАВҚОВАРИ ФИЗИКӢ

Масъалаи 1. Зарраи зарядноки массааш 10 г ва зарядаш $1 \cdot 10^{-5}$ кл ба майдони электрикии Замин ба кадом шитоб меафтад? Шадидияти майдон дар наздикии сатҳи Замин ба 130 В/м баробар аст ($g = 9.8$ м/с^2 гиред).

Дода шудааст:
$m = 10$ г $= 10 \cdot 10^{-3}$ кг
$q = 1 \cdot 10^{-5}$ кл
$E = 130$ В/м
$g = 9.8$ м/с^2
$a = ?$

Ҳалли масъала:

Дар ҳалли масъала аз формулаҳои қувваи вазнинӣ, қувваи ба майдон таъсиркунанда ва аз қонуни дуюми Нютон истифода мебарем:

$F = m \cdot a$ $\quad F = m \cdot q$ $\quad F = qE$

Ин формулаҳоро чунин тартиб медиҳем:

$F_1 + F_2 = F$ $\quad m\,a + qE = mq$

Аз ин формула шитоби ҷисмро дар майдони электрикии Замин меёбем:

$m\,a + qE = mq$ $\quad m\,a = mq - qE$

$a = \frac{mq - qE}{m}$

Сипас дар формула қиматҳои дар боло бударо гузошта, шитоби ҷисмро дар майдони электрикии Замин меёбем:

$$a = \frac{mq - qE}{m} =$$
$$= \frac{10 \cdot 10^{-3} \cdot 9.8\text{м/с}^2 - 1 \cdot 10^{-5}\text{кл} \cdot 130\ \text{В/м}}{10 \cdot 10^{-3}\text{кг}} =$$
$$= \frac{98 \cdot 10^{-3} - 130 \cdot 10^{-5}}{10 \cdot 10^{-3}} =$$
$$= \frac{98 \cdot 10^{-3} - 1.3 \cdot 10^{2} \cdot 10^{-5}}{10 \cdot 10^{-3}} =$$
$$= \frac{98 \cdot 10^{-3} - 1.3 \cdot 10^{2} \cdot 10^{-3}}{10 \cdot 10^{-3}} =$$
$$= \frac{(98 - 1.3) \cdot 10^{-3}}{10 \cdot 10^{-3}} = \frac{96.7}{10} = 9.67\ \text{м/с}^2.$$

Шитоби ҷисм дар майдони электрикии Замин баробари 9.67 м/с^2 мебошад.

Ҷавоб: 9.67 м/с^2

Масъалаи 2. Зарраи зарядноки дар майдони электростатикии якҷинса байни ду нуқтаи фарқи потенсилаҳояш ба 7.8 В/м, суръаташон ба 2 Мм/с ва 2.6 Мм/с-ро зиёд намуд. Бузургии заряди онро муайян кунед.

Дода шудааст:
$m = 9.1$ кг $\cdot 10^{-31}$ кг
$\varphi = 7.8$ В/м
$\vartheta_1 = 2.6$ Мм/с $= 2.6 \cdot 10^6$ м/с
$\vartheta_2 = 2$ Мм/с$^2 = 2 \cdot 10^6$ м/с
$q = ?$

Ҳалли масъала:

Барои ҳалли масъала аз формулаи кори қувваи майдони зарядҳои электрикӣ истифода мебарем:

$A = qU$ $\quad U = \varphi$ $\quad A = q\varphi$

$\varphi = \frac{A}{q}$

Аз формула бузургии заряди ҷисмро дар майдони электростатикии якҷинса ёфта, дар он формулаи энергияи кинетикии зарядро татбиқ мекунем:

$A_1 = \frac{m\vartheta_1^2}{2}$ $\quad A_2 = \frac{m\vartheta_2^2}{2}$

Формулаи дар боло бударо дар ин формула гузошта, бузургии зарядро аз формула меёбем:

$$\varphi = \frac{A}{q} = \frac{A_1 - A_2}{q} = \frac{\frac{m\vartheta_2^2}{2} - \frac{m\vartheta_1^2}{2}}{q} = \frac{\frac{m\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^2}{2}}{q}$$
$$= \frac{m\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^2}{2q}$$
$$\varphi = \frac{A}{q} = \frac{m\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^{\,2}}{2q}.$$
$$\varphi = \frac{m\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^{\,2}}{2q} \qquad 2q\varphi = m\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^{\,2}$$
$$q = \frac{m\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^{\,2}}{2\varphi}$$

Сипас қиматҳои дар боло бударо дар формула гузошта, бузургии заряди ҷисмро меёбем:

$$q = \frac{m\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^{\,2}}{2\varphi} = \frac{m(\vartheta_2^2 - m\vartheta_1^2)}{2\varphi} =$$
$$= \frac{9.1 \cdot 10^{-31}\text{кг}(2.6 \cdot 10^6 - 2 \cdot 10^6)^2}{2 \cdot 7.8} =$$
$$= \frac{9.1 \cdot 10^{-31}(6.76 \cdot 10^{12} - 4 \cdot 10^{12}}{15.6} =$$
$$= \frac{9.1 \cdot 10^{-31}(6.76 - 4) \cdot 10^{12}}{15.6} =$$
$$= \frac{9.1 \cdot 10^{-31} \cdot 2.76 \cdot 10^{12}}{15.6} = \frac{25 \cdot 10^{-19}}{15.6} =$$
$$= 1.6 \cdot 10^{-19}\ \text{кл}$$

Аз ин қимат, қимати заряди электрикиро ҳосил кардем.

Ҷавоб: $1.6 \cdot 10^{-19}$ кл

Масъалаи 3. Заряди нуқтагӣ дар ҳаво ҷойгир аст. Бузургии заряд ёфта шавад, агар дар масофаи 0.30 м аз ин заряд шадидияти майдон $1.18 \cdot 10^7$ В/м бошад.

Дода шудааст:
$r = 0.30$ м
$E = 1.18 \cdot 10^7$ В/м
$q = ?$

Ҳалли масъала:

Барои ҳалли масъала аз формулаи қувваи ба заряди q таъсир мекунад, истифода мебарем ва формулаи қонуни Кулонро татбиқ мекунем:

$F = qE$ $\quad q = \frac{F}{E}$ $\quad F = \frac{kq_1 q_2}{r^2}$

$$q = \frac{F}{E} = \frac{\frac{kq_1 q_2}{r^2}}{E} = \frac{kq_1 q_2}{Er^2}$$
$$q = \frac{kq_1 q_2}{Er^2} \qquad qEr^2 = kq_1 q_2$$
$$Er^2 = Kq \qquad q = \frac{Er^2}{K}$$

Қиматҳои дар боло бударо дар формула гузошта, бузургии зарядро меёбем:

$$q = \frac{Er^2}{K} = \frac{1.8 \cdot 10^7\text{В/м} \cdot (0.30)^2}{9 \cdot 10^9\ \frac{\text{н} \cdot \text{м}^2}{\text{кл}^2}} =$$
$$= \frac{1.8 \cdot 10^7\text{в/м} \cdot 0.09\ \text{м}^2}{9 \cdot 10^9} =$$
$$= \frac{1.2 \cdot 10^7 \cdot 9 \cdot 10^{-2} \cdot 10^{-9}}{9} =$$
$$= 1.2 \cdot 10^7 \cdot 10^{-11} = 1.2 \cdot 10^{-4}\ \text{кл}$$

Бузургии заряд баробари $1.2 \cdot 10^{-4}$ кл будааст.

Ҷавоб: $1.2 \cdot 10^{-4}$ кл

Раҷабалӣ САФАРОВ,
омӯзгори физикаи МТМУ №124-и ноҳияи Фирдавсӣ

ШАРАФМАНДОН

Барои ноил шудан ба қуллаҳои баланди илмӣ ва омӯзгорӣ шахсро талошу заҳмат ва кӯшишҳои зиёде лозим аст. Маҳз ҳамин фазилат инсонро ба мартабаҳои баланди илмӣ ва муваффақиятҳои калони педагогӣ ноил мегардонад, ки мисоли онро метавон дар рӯзгор ва пайкори Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҳамид Маҷидов дид.

Олим ва устоди варзида



Ҳамид Маҷидов 15 июли соли 1946 дар деҳаи Истонии шаҳри Ҳисор, дар оилаи омӯзгор таваллуд шудааст. Ҳ. Маҷидов соли 1967 факултети физика-математикаи Институти педагогии ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ)-ро хатм намуд. Бо қалами ӯ зиёда аз 10 китоби дарсӣ, 31 воситаи таълимӣ, 29 тавсияи методӣ, 3 адад ихтироъ, 3 пешниҳоди муфид ва зиёда аз 450 мақола ба табъ расидааст. Ҳамчунин, муаллифи китобҳои дарсӣ аз фанҳои физика ва нуҷум барои синфҳои 7, 9, 10 ва 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, Консепсияи табиатшиносии муосир ва физика барои мактабҳои олии кишвар мебошад.

Устод Ҳ. Маҷидов баъди хатми мактаби олӣ, аввал ба ҳайси лаборант, аспирант, ассистент, муаллими калон фаъолият намуда, соли 1972 ба гирифтани унвони илмии номзади илми физика-математика ноил гардида, баъдан ҳамчун дотсент ва мудири кафедраи физикаи умумии ДДОТ ба номи С. Айнӣ (то соли 1994) идомаи фаъолият кард. Аз соли 1994 то соли 2017 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон вазифаҳои муовини ректор оид ба таълим, илм, мудири кафедра ва профессори кафедраи математика ва фанҳои табиатшиносиро ба уҳда дошт. Аз соли 2020 то ҳол ба сифати профессори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Ҳ. Маҷидов аз рӯзҳои аввали фаъолияташ ба илми гармофизика ва физикаи молекулӣ таваҷҷуҳи зиёд дошта, озмоишгоҳи илмии «Гармофизика»-ро созмон додааст. Ҳамин буд, ки дар ин озмоишгоҳи илмии ташкилкардаи Ҳ. Маҷидов 7 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторӣ ҳимоя карданд.

Таҳти роҳбарии Ҳ. Маҷидов 3 нафар рисолаи докторӣ ва 20 нафар рисолаи номзадӣ (дар риштаи физикаю педагогика) дифоъ намуданд.

Ҳ. Маҷидов Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008), академики Академияи мактаби байналмилалии олӣ (2008), академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Россия (2009), узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон (2011), академики Академияи байналмилалии муҳандисӣ (2015), инчунин, бо унвони фахрии «Олим ва технологи шоистаи Тоҷикистон», нишони «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра сарфароз гардидааст.

Самтҳои асосии тадқиқоти илмии профессор Ҳ. Маҷидов дар риштаи физикаи гармӣ ва физикаи молекулавӣ, хосиятҳои гармофизикии маводи моеъ, газҳо ва ҷисмҳои сахт дар бар мегирад.

С. ЗУБАЙДОВ,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Иқдоми шоистаи консерватория

Аз 5-уми сентябри соли 2025 дар назди Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов курсҳои омӯзиши созҳои мусиқӣ ва сарояндагӣ фаъолият мекунад. Барномаи таълимии курси кӯтоҳмуддати омӯзиши созҳои мусиқӣ ва сарояндагӣ 3, 6 ва 9-моҳа мебошад. Моҳи ноябри соли гузашта бист нафар хоҳишманди санъати мусиқии касбӣ гурӯҳи якум ба таълим фаро гирифта шуда, моҳи апрели соли ҷорӣ онро хатм намуданд. Хатмкардагони курси мазкур таҳти роҳбарии устодони ботаҷриба аз санъати мусиқии касбӣ воқиф гардида, нозукиҳои касбро омӯхтанд.

Ҳафтаи гузашта бошад, даври дуюми курсҳои омӯзишӣ ҷамъбаст гардида, гурӯҳи 36-нафара соҳиби шаҳодатнома шуданд.

Чунонки ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон, номзади илми санъатшиносӣ Баҳодур Давлатзода дар чорабинӣ зикр намуд, ин иқдом барои ҷалби хоҳишмандони санъати мусиқӣ ба таври доимӣ амал менамояд. Аз таъсиси курси мазкур як сол сипарӣ гардид, вале дар ин муддати кӯтоҳ аллакай шаст нафар алоқаманди мусиқӣ онро хатм намуда, соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

Ҳотам ҲОМИДЗОДА, «Омӯзгор»

КИТОБИЁТ


АНДАР ШИНОХТИ ЖАНРҲОИ ПУБЛИТСИСТӢ-БАДЕӢ

Дар замони муосир омӯзиш, таҳлил ва баррасии илмҳои гуногун ба марҳалаи нави рушд ворид гардида, роҳу усулҳои тозаи таҳқиқу таълим ба вуҷуд омадаанд. Низоми таҳсилоти олӣ низ такмил ёфта, истифодаи усулҳои муосири таълим ва таҳияи дастурҳои таълимӣ аз талаботи асосии замон ба шумор меравад. Аз ин рӯ, аз омӯзгорону муҳаққиқон тақозо мешавад, ки бо истифода аз таҷрибаи пешқадам ва дастовардҳои илмӣ роҳҳои нави омӯзишро корбаст намоянд. Дар ин раванд, публитсистика аз муҳимтарин соҳаи эҷод ба шумор меравад, ки ҳадафи асосии он таъсир расонидан ба афкори ҷомеа мебошад. Омӯзиши илмии публитсистика аз асри гузашта оғоз гардида, тадриҷан ба яке аз самтҳои муҳимми илмӣ ва фаъолияти эҷодӣ табдил ёфт. Дар ин муддат доир ба масъалаҳои назарӣ ва амалии публитсистика асарҳои зиёди илмӣ ва таълимӣ таълиф шудаанд, ки барои омӯзиш ва рушди соҳа нақши муҳим гузоштаанд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар шуъбаю факултетҳои журналистика фаъолият намуда, дар онҳо публитсистика ва жанрҳои он ба таври амиқ омӯзонида мешаванд. Дар баробари истифодаи осори муҳаққиқони хориҷӣ, олимони тоҷик низ дар ин самт асарҳои зиёди илмӣ ва таълимӣ таълиф намудаанд, ки ҳамчун манбаи муҳим дар ҷараёни таълиму таҳқиқ мавриди истифода қарор мегиранд. Дастури таълимии доктори илми филология, декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахтиёр Ҳошимзода ва номзади илми филология, мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии ДМТ Мавзуна Самадзода «Жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ» (Душанбе, 2026. – 96 саҳ.) ба нашр расид, ки барои донишҷӯёни ихтисосҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар дастури муҳимми таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллифон дар асар жанрҳои публитсистӣ-бадеиро аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ таҳлилу арзёбӣ намудаанд. Дар оғоз дар хусуси муҳиммияти омӯзиши публитсистика, воқеият ва бадеият дар он сухан ба миён гузошта шуда, дар идома оид ба жанрҳои лавҳа, очерк, эссе, фелетон, памфлет, луқма, пародия, эпиграмма ва латифа маълумоти фишурда пешниҳод гардидааст. Ҳар яке аз жанрҳо ҳамчун мавзуи алоҳидаи дарсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллифон моҳияти жанрҳоро бо забони сода, равон ва илмӣ шарҳ дода, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро бо мисолҳо нишон додаанд. Сабки баён ва тарзи таҳлил фаҳмо буда, азхудкунии дарсро ба донишҷӯён осон мегардонад. Дар охири ҳар мавзуъ саволҳо ва супоришҳои санҷишӣ пешниҳод шудаанд, ки барои такмили дониш ва фарогирии жанрҳо мусоидат менамоянд.

Бояд қайд кард, ки дар дастури мазкур, дар баробари маълумоти назарӣ вобаста ба ҳар як жанр, намунаҳои матнҳои публитсистӣ, ки ифодагари жанрҳо мебошад, оварда шудааст. Ҳангоми таҳияи китоб муаллифон аз осори муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ васеъ истифода намудаанд. Дар охир рӯйхати адабиёт оварда шудааст, ки метавонад барои омӯзиши амиқтари мавзуъҳо ба донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавон кумак расонад. Ҳамчунин, рӯйхати асарҳои бадеӣ барои мутолиа пешниҳод гардидааст, ки барои такмили ҷаҳонбинӣ ва маҳорати эҷодии рӯзноманигорон муфид мебошанд.

Дастури таълимии «Жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ» дар шинохти моҳият, вазифаҳо, таърихи ташаккул, хусусиятҳои мундариҷавӣ, сабк, услуб ва забони жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ муфид аст. Бинобар ин, омӯзиши дастури мазкур барои муҳассилини ихтисосҳои факултет ва шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олии кишвар судманд аст.



Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва пайдоиши абзорҳои нави иртиботиву иттилоотӣ тақозо менамояд, ки раванди таълим дар ҳамаи соҳаҳо мутобиқ ба талаботи замон такмил дода шавад. Маводи таълимӣ бояд аз як тараф, ҷолибу омӯзанда бошад ва аз ҷониби дигар, шавқу рағбати донишҷӯёнро ба омӯзиш бештар намояд. Ин омил аз муҳаққиқону омӯзгорон дониши амиқ, маҳорати баланди илмӣ ва қобилияти баёни равону мухтасарро талаб мекунад, то онҳо тавонанд бо ҷумлаҳои кӯтоҳу дақиқ мазмунҳои васеъ муҳимро ифода намоянд. Ба ин мазмун, китоби доктори илми филология, декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ҳошимзода Бахтиёр Ҳошим «Асосҳои фаъолияти эҷодӣ. Жанрҳои гурӯҳи сеюм (Фишурдаи матни лексияҳо дар шинохти жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ)» (Душанбе, 2026. – 56 саҳ.) ба табъ расид. Дастури мазкур аз 48 мавзуъ иборат буда, хусусиятҳои жанрҳои лавҳа, очерк, эссе, фелетон, памфлет, луқма, пародия, эпиграмма ва латифаро ба таври фишурда, равон ва ҷолиб шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои ҳар як жанрро бо истифода аз таҷрибаи омӯзгорӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба таври муҷазу фаҳмо баён намояд. Дар ин самт маҳорати илмӣ ва таҷрибаи омӯзгории муаллиф равшан эҳсос мегардад.

БАРРАСИИ ЖАНРҲОИ ГУРӮҲИ СЕЮМ

Яке аз бартариҳои асосии китоб дар он аст, ки муаллиф хусусиятҳои ҳар як жанрро на танҳо аз нигоҳи назарӣ, балки бо истифода аз далел, мисол ва таҳлилҳои мушаххас шарҳ медиҳад. Ин тарзи пешниҳод ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки моҳият ва хусусиятҳои фарқкунандаи ҳар як жанрро дуруст дарк намуда, дар фаъолияти эҷодии худ истифода баранд. Бешубҳа, чунин усули баён барои омӯзиши жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ ҷолиб буда, барои дарки мавзуъҳо мусоидат мекунад

Дар дастур ҳар як жанри публитсистӣ-бадеӣ бо хусусиятҳои муҳимми он муаррифӣ мегардад. Забони китоб сода, равон ва барои хонанда фаҳмо буда, ҷолибияти онро бештар намудааст. Дар охири ҳар мавзуъ саволу супоришҳо барои санҷиши дониш ва такмили маводи омӯхташуда пешниҳод гардидаанд. Ҳамчунин, рӯйхати адабиёти тавсиявӣ оид ба ҳар мавзуъ оварда шудааст, ки барои омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён хидмат мекунад. Мафҳуми жанр, ҷойгоҳи бадеият дар публитсистика ва гурӯҳбандии жанрҳо низ ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Аз ҷониби муаллиф рӯйхати адабиёти илмӣ ва бадеӣ пешниҳод гардидааст, ки метавонад барои такмили дониш ва ҷаҳонбинии донишҷӯён нақши созгор гузорад.

Дарвоқеъ, дастури таълимии «Асосҳои фаъолияти эҷодӣ. Жанрҳои гурӯҳи сеюм (Фишурдаи матни лексияҳо дар шинохти жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ)» дар шинохти моҳият, вазифаҳо, заминаҳои таърихӣ, хусусиятҳои мундариҷавӣ, сабку услуб ва забони жанрҳои публитсистӣ-бадеӣ нақши муассир дошта, омӯзиши он барои донишҷӯён, магистрантон, омӯзгорон, муҳаққиқон ва факултету шуъбаҳои журналистикаи мактабҳои олӣ муфид мебошад.

Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Дар истироҳатгоҳи «Ҳамсафар»-и раёсати маорифи шаҳри Ваҳдат 114 нафар кӯдаку наврас дар басти якум ба истироҳат ҷалб гардиданд.

Ҳар кӣ аз ғайбат забонаш баста нест,
Ончунон кас аз уқубат раста нест.
Фаридуддини Аттор

ЗАҲМАТҚАРИН

ДАРСИ ЗИНДАГӢ АЗ УСТОДИ МАТЕМАТИКА

Дар ҳаёти ҳар кас ҳатман омӯзгорест, ки номи ӯро бо эҳтироми хос ба забон меорад. Омӯзгоре, ки бо гузашти солҳои зиёд низ ҳангоми ёдоварӣ табассуме бар лаб меорад ва ҳисси гармеро дар дил бедор мекунад. Агар аз инсон бипурсанд, ки беҳтарин омӯзгорат кист, одатан, ӯ номи ҳамон касеро мегӯяд, ки аз вай, дар баробари хондану навиштан, дарси зиндагӣ ҳам андӯхтааст.

Дар фарҳанги тоҷик мақоми устод ҳамеша ҷойгоҳи баланд дорад ва беҳуда нест, ки гузаштагони мо пеш аз номи падару модар номи устодро мегирифтанд. Зеро онҳо хуб дарк мекарданд, ки агар падару модар ба фарзанд зиндагӣ бахшанд, омӯзгор ба он зиндагӣ самт мебахшад.

Ҳар боре ки дар бораи омӯзгорони воқеӣ меандешам, пеш аз ҳама, симои як инсони хоксор, чиддӣ ва самимӣ пеши назар меояд. Симои марде, ки қисми зиёди умри худро ба таълиму тарбияи фарзандони мардум бахшидааст. Барои ҳазорон хонанда Иброҳимов Нурмаҳмад Гурезович омӯзгори математика буд, барои садҳо нафар роҳбари синф, барои ҳамкоронаш муовини директор ва омӯзгори соҳибтаҷриба. Аммо барои мо – шогирдонаш ӯ аз ҳамаи ин бештар буд.

Имрӯз, ки зиёда аз бист сол аз рӯзи аввалини ворид шудани мо ба литсейи хонандагони болаёқати ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ гузаштааст, бештар дарк мекунам, ки бузургии омӯзгорро на бо шумораи солҳои фаъолияти ӯ ва на бо вазифаҳое, ки ишғол кардааст, метавон баҳогузорӣ кард. Арзиши ҳақиқии омӯзгорро шогирдонаш муайян мекунанд. Агар баъди гузашти солҳои зиёд номи ӯ ҳанӯз бо эҳтиром садо диҳад, агар шогирдон ҳангоми ёдоварӣ аз ӯ бо муҳаббат сухан гӯянд, пас, ин бузургтарин мукофотест, ки инсон дар касби омӯзгорӣ ба даст овардааст.

Аввали солҳои 2000-ум барои ман оғози як марҳалаи нави зиндагӣ буд. Пас аз супоридани имтиҳонҳои қабул ба литсей барои хонандагони болаёқати ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ дохил шудам. Он вақт литсей яке аз беҳтарин муассисаҳои таълимии минтақа ба ҳисоб мерафт. Барои хонандаи синфи ҳафтум дохил шудан ба он шарафи бузург буд. Мо аз мактабҳои гуногун ҷамъ омада будем, вале ҳамаи моро як орзу муттаҳид мекард: хуб хондан ва сазовори номи хонандаи литсей будан.

Муҳити литсей аз мактабҳои одӣ фарқ мекард. Аз хонанда на танҳо дониши аъло, балки рафтори намунавӣ, эҳтиром ба омӯзгор, иштироки фаъол дар корҳои ҷамъиятӣ ва масъулиятшиносӣ талаб карда мешуд. Дар чунин муҳит ҳар омӯзгор нақши махсус дошт ва маҳз ҳамин муҳит буд, ки шахсиятҳои зиёдеро ба камол расонд.

Дар ҳамин рӯзҳои аввал мо бо роҳбари синфи худ шинос шудем. Ӯ омӯзгори математика ва геометрия буд ва дар айни замон вазифаи муовини директори литсейро низ ба зимма дошт.

Ростӣ, дар рӯзи аввал ӯ ба назари мо андаке сахтгир менамуд. Қомати рост, либоси ҳамеша озода, сухани кӯтоҳу дақиқ ва нигоҳи пурэътибори ӯ беихтиёр эҳсоси масъулиятро дар вуҷуди ҳар хонанда бедор мекард. Вақте ки ба синфхона ворид мешуд, хузураш барои ором шудани ҳама басанда буд. Баъдтар фаҳмидем, ки ин оромӣ аз тарс не, аз эҳтиром сарчашма мегирифтааст.

Он рӯзҳо мо ҳанӯз намедонистем, ки дар пеши мо омӯзгоре истодааст, ки на танҳо чанд бобу мавзуъ аз математика, балки чанд дарси муҳимми зиндагиро низ ба мо хоҳад омӯхт.

Дарси ӯ аз бисёр омӯзгорони дигар фарқ мекард. Барои ӯ омӯзгорӣ маънои онро надошт, ки мавзуъро фаҳмонад ва вазифаи хонагӣ супорад. Ӯ натиҷаи кори худро танҳо он вақт анҷомёфта меҳисобид, ки ҳар хонанда донишро аз худ карда бошад. Шояд маҳз ҳамин сабаб буд, ки бисёре аз шогирдони ӯ баъдтар дар донишгоҳҳои бонуфуз таҳсил карданд ва дар соҳаҳои гуногун муваффақ шуданд.

Дар синф як «рамз»-и машҳур вуҷуд дошт. Ин зовиясанҷи бузурги чӯбин буд. Устод қариб дар ҳар дарс онро дар даст дошт. Агар хонандае ба дарс бетайёрӣ меомад ё ҷавоб дода наметавонист, зовиясанҷро андаке боло мебардошт ва бо ҳамон лаҳни ҷиддии худ мегуфт:

- Агар имрӯз мавзуъро аз худ накунед, бо ҳамин танбеҳ медиҳам.

Ростӣ, ман имрӯз ҳам дар хотир надорам, ки ӯ воқеан касеро бо он зада бошад. Эҳтимол, ҳеҷ гоҳ чунин ҳам нашудааст, аммо ҳузури ҳамон зовиясанҷ барои нигоҳ доштани интизом кофӣ буд. Мо аз чӯб не, аз он метарсидем, ки мабодо боварии устодро аз даст диҳем.

Шахсияти устод танҳо дар синфхона ошкор намешуд. Агар мо ӯро фақат ҳангоми дарси математика медидем, шояд имрӯз низ аз ӯ ҳамчун омӯзгори сахтгир ёд мекардем, аммо бахти мо дар он буд, ки ӯ, ҳамзамон, роҳбари синфи мо низ буд. Маҳз дар ҳамин мақом мо тавонистем чеҳраи дигари ин инсони ҷиддиро бишносем.

Роҳбари синф будан барои баъзеҳо танҳо иҷрои як вазифаи иловагӣ аст. Соати тарбиявӣ мегузарад, чанд тавсия медиҳад, журнал пур мешавад ва кор анҷом меёбад. Барои устод Иброҳимов бошад, роҳбарии синф маънои дигар дошт. Ӯ худро воқеан, масъули тарбияи мо меҳисобид. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки мо ҳеҷ гоҳ эҳсос намекардем, ки дар байни мо ва ӯ девори расмият вуҷуд дорад. Мо аз ӯ метарсидем, аммо ҳамзамон, ба ӯ эътимод доштем. Эҳтиром мекардем, вале метавонистем мушкили худро низ бемалол баён кунем. Ин тавозуни нозук миёни сахтгирӣ ва меҳрубонӣ ба ҳар омӯзгор насиб намешавад.

То имрӯз як рӯйдоди хеле одӣ, вале бисёр пурмазмун дар хотирам бокӣ мондааст. Рӯзе дар соати тарбиявӣ ба устод гуфтам:

– Устод, як хоҳиш дорам.

Ӯ, ки ҳамеша бо диққат ба сухани хонанда гӯш медод, табассуме карда пурсид:

– Бигӯ, чӣ хоҳиш?

Гуфтам:

– Ба мо бастани галстукро омӯзонед.

Пештар борҳо дида будам, ки устод дар ҳуҷраи омӯзгорон галстуки ҳамкоронашро хеле моҳирона мебаст ва ҳамон рӯз пеш аз дарси мо низ чунин корро анҷом дода буд. Барои як наврас ин кор як навъ ҳунари махсус менамуд. Гумон мекардам, ки ӯ механдад ё мегӯяд, ки ин кори шумо нест, аммо вокуниши устод тамоман дигар буд.

– Хуб, имрӯз ҳаминро меомӯзем.

Ҳамин тавр, соати тарбиявии он рӯз ба дарсе табдил ёфт. Аввал дар бораи фарҳанги либоспӯшӣ сухан гуфт. Фаҳмонд, ки сару либоси инсон танҳо зоҳир нест, балки нишонаи муносибати ӯ ба худ ва ба ҷомеа мебошад. Баъд галстукашро кушод ва оҳиста-оҳиста тарзи бастани онро нишон дод. Ҳар кадоми моро назди худ мехонд, агар касе нодуруст мебаст, бо сабру таҳаммул аз нав нишон медод. Ҳеҷ гоҳ асабонӣ намешуд ва намегуфт, ки «ин қадар ҳам нофаҳмед!» Баръакс, мехост ҳар яки мо ин ҳунари одиро дуруст аз худ кунем.

Он вақт ин дарс барои мо танҳо як машқи ҷолиб буд. Имрӯз бошад, мефаҳмам, ки устод дар асл он рӯз фарҳанги зиндагиро меомӯзонд. Ӯ мехост мо дарк кунем, ки инсон бояд дар ҳар ҷузъиёти зиндагӣ ботартиб бошад. Ба андешаи ӯ, тартиб аз либос оғоз шуда, ба андеша, сухан ва рафтори инсон мерасад. Шахсе, ки ба намуди зоҳирии худ беэътино аст, дер ё зуд ба масъулиятҳои дигараш низ ҳамин гуна муносибат хоҳад кард.

Хотираи дигаре, ки ҳар бор ба ёдам меояд, ба рӯзҳои пахтачинӣ марбут аст. Имрӯз барои насли ҷавон шояд тасаввур кардани он рӯзҳо чандон осон набошад. Барои мо бошад, пахтачинӣ танҳо кори саҳро набуд. Он як навъ мактаби зиндагӣ буд. Мо аз муҳити синфхона берун мебаромадем, дар паҳлуи ҳам меҳнат мекардем, заҳмати деҳқонро аз наздик эҳсос менамудем ва ҳамзамон, омӯзгоронамонро аз паҳлуи дигар мешинохтем.

Устод ҳамеша бо мо мерафт. Гарчанде муовини директор буд, ҳеҷ гоҳ худро аз хонандагон ҷудо намекард. Бо ҳамон либоси саҳроӣ дар миёни мо мегашт, аҳволи ҳар яки моро мепурсид, агар касе хаста мешуд, рӯҳбаланд мекард, агар касе худро нотоб ҳис мекард, ҳатман сабабашро мефаҳмид. Дар чунин лаҳзаҳо ӯ дигар ба омӯзгор не, ба падари як оилаи бузург шабоҳат дошт.

Як рӯзи тирамоҳ, баъди анҷоми ҷамъоварии пахта, маблағи меҳнати моро тақсим мекарданд. Ман он моҳ бештар аз дигарон пахта ҷамъ оварда будам ва ҳангоми гирифтани ҳаққи меҳнатам маблағи 850 сомонӣ ба дастам расид. Барои як хонандаи мактаб он вақт ин маблағ хеле калон буд.



Устод пулро ба дастам дод, баъд рӯ ба дигар хонандагон оварда ва сухане гуфт:

– Бубинед, шогирдон. Ман ҳамчун муовини директор 450 сомонӣ маош мегирам. Аммо ҳамин шогирди ман имрӯз аз меҳнати ҳалоли дастони худаш 850 сомонӣ гирифт. Ҳеҷ гоҳ аз меҳнат шарм надоред. Меҳнати ҳалол инсонро сарбаланд мекунад.

Он вақт мо ин суханро ҳамчун як таърифи одӣ қабул кардем. Имрӯз бошад, мефаҳмам, ки он яке аз беҳтарин дарсҳои зиндагӣ буд. Устод мехост ба мо бифаҳмонад, ки арзиши инсонро мансаб муайян намекунад. Агар инсон бо меҳнати ҳалол нон ёбад, ҳамеша сарбаланд хоҳад буд. Ин дарсе буд, ки ҳеҷ як китоби дарсӣ ба мо намеомӯзонд.

Бо гузашти вақт мо як ҳақиқатро бештар дарк мекардем: устод нисбат ба ҳамаи хонандагон муносибати яксон дошт, аммо ба ҳар кадоми онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои шахсияташ муносибат мекард. Ӯ хуб медонист, ки ҳама барои математик шудан таваллуд нашудаанд. Яке ба фанҳои дақиқ шавқ дошт, дигаре ба адабиёт, саввумӣ ба варзиш ва чорумӣ ба ҳунар. Вале новобаста аз ин фарқиятҳо, мехост ҳар як шогирд аз мактаб ҳамчун инсони комил берун равад. Шояд маҳз ҳамин буд, ки ӯ ҳеҷ гоҳ арзиши инсонро танҳо бо як баҳои журнал муайян намекард.

Ман ҳам аз ҷумлаи он хонандагон будам, ки математикаро дӯст медоштам, вале ошиқаш набудам. Ба он эҳтиром доштам, вазифаҳоро иҷро мекардам, аммо дилам бештар ба дигар фанҳо майл дошт. Аз ҳамин сабаб, дар тамоми солҳои таҳсил баҳои математикаам бештар «чаҳор» буд. Худам ҳам медонистам, ки сазовори «панҷ»-и доимӣ нестам ва аз ин рӯ, ҳеҷ гоҳ аз устод эрод намегирифтам. Ӯ низ баҳоеро, ки ҳаққи ман буд, мегузошт. Ҳаргиз барои он ки роҳбари синфамон буд ё муносибати хуб дошт, баҳоеро беҳуда баланд намекард. Аз ҳамин сабаб, вақте соли 2007 ба хатми литсей наздик шудем, дар дилам ҳеҷ шубҳа набуд, ки дар аттестат аз тамоми фанҳо «панҷ» хоҳам гирифт, ғайр аз математика. Ҳатто дар бораи ин масъала фикр ҳам намекардам. Барои ман ин як чизи табиӣ буд.

Рӯзи супоридани аттестатсия фаро расид. Аттестатҳоро тақсим карданд. Навбат ба ман расид. Ҳуҷҷатро гирифтам ва беихтиёр онро кушодам. Баҳоҳоро як-як аз назар мегузарондам. Ҳамааш тавре буд, ки интизор доштам. Вақте чашмам ба сатри «Математика» расид, нохоста бозистодам. Бори дигар нигоҳ кардам. Наход иштибоҳ шуда бошад? Дар рӯ ба рӯйи номи фан рақами «5» навишта шуда буд. Аввал фикр кардам, ки шояд аттестатҳоро омехта кардаанд. Баъд ба ному насаб нигоҳ кардам. Ҳуҷҷат аз они худам буд. Ҳама чиз дуруст буд, ғайр аз ҳамон як рақаме, ки ман онро интизор набудам.

Ростӣ, ман аз онҳое нестам, ки агар ба ман баҳои баландтар диҳанд, хомӯш бошам. Намедонам ин аз тарбия буд ё аз эҳсоси адолат, вале ҳис кардам бояд назди устод равам.

Ӯ андаке дуртар бо корманди техникии муассиса Мавлуда-апа суҳбат мекард.

Наздаш рафтам.

– Устод...

Бо ҳамон табассуми орому меҳрубонаш рӯ ба ман гардонд.

– Ҳа, Эҳсонҷон?

Аттестатро кушода нишон додам.

– Як чизро нафаҳмидам...

– Чӣ шуд?

– Чаро аз математика ба ман «панҷ» гузоштед? Шумо беҳтар аз ҳама медонед, ки дар тамоми солҳои таҳсил баҳоям асосан «чаҳор» буд.

Ӯ чанд лаҳза ба чеҳраи ман нигарист. На хандид. На шӯхӣ кард. Танҳо ҳамон табассуми орому пурмеҳрашро нигоҳ дошт. Баъд бо овозе, ки то имрӯз дар гӯшам садо медиҳад, гуфт:

- Эҳсонҷон, мо дар ин литсей ҳазорҳо хонандаро таълим додаем. Аммо хонандае бо номи Эҳсон, бо ҳамин тартибу интизом, бо ҳамин масъулият, бо ҳамин иштироки фаъол дар тамоми чорабиниҳои мактаб ва бо ҳамин муносибат ба омӯзгорон ҳамагӣ як нафар буд. Мо чӣ гуна чунин хонандаро дастгирӣ накунем?

Ман хомӯш мондам. Ростӣ, дар ҳамон лаҳза чизе барои гуфтан наёфтам. Танҳо «ташаккур, устод» гуфта, аз наздаш дур шудам.

Аммо баъди гузашти солҳо фаҳмидам, ки он рӯз устод ба ман танҳо як «баҳои панҷ» надода буд. Ӯ ба ман эътимод дода буд. Эътимоде, ки баъзан аз ҳама ҷоизаҳои зиндагӣ арзишмандтар аст.

Шояд касе ин воқеаро танҳо ҳамчун тағйири як баҳо қабул кунад. Ман ҳаргиз чунин фикр намекунам. Зеро устод он рӯз қоидаи баҳогузориро вайрон накард, ӯ меъёри дигареро ба кор бурд, ки онро танҳо омӯзгорони соҳибтаҷриба мефаҳманд. Ӯ шахсияти шогирдро арзёбӣ кард.

Аз ҳамон рӯз ба баъд, ҳар боре ки ба ягон муваффақият ноил шудам, ҳамеша ҳамин ҷумла дар гӯшам садо медод: «Мо чӣ гуна чунин хонандаро дастгирӣ накунем?»

Ин ҷумла барои ман як хотира нест. Ин як қарз аст. Қарзе дар назди устод. Қарзе дар назди эътимоде, ки ба ман дода шуд. Ва ман ҳамеша кӯшиш кардаам, ки бо зиндагӣ ва фаъолияти худ исбот кунам, ки устод дар ҳамон рӯз иштибоҳ накарда буд.

Имрӯз ҳар яке аз ҳамсинфони мо дар гӯшае аз ҷомеа фаъолият доранд. Баъзеҳо омӯзгор шуданд, баъзеҳо табиб, муҳандис, иқтисоддон, соҳибкор, хизматчии давлатӣ ё рӯзноманигор. Роҳҳои зиндагии мо гуногун шуданд, аммо як чиз моро ҳамеша ба ҳам мепайвандад: ҳар боре ки аз давраи литсей ёд мекунем, номи устод Нурмаҳмад Иброҳимов ҳатман бо эҳтиром ба забон меояд. Шояд касе аз зовиясанҷи машҳури ӯ қисса кунад, дигаре аз рӯзҳои пахтачинӣ, саввумӣ аз дарсҳои математика ва чаҳорумӣ аз соатҳои тарбиявӣ. Аммо ҳамаи ин хотираҳо дар ниҳоят ба як маънӣ ҷамъ мешаванд: мо соҳиби омӯзгоре будем, ки бо тамоми вуҷудаш ба касби худ содиқ буд.

Ба андешаи ман, бузургтарин дастоварди омӯзгор дар он нест, ки чанд китоб хондааст, чанд унвон гирифтааст ё дар чанд вазифа фаъолият кардааст. Бузургтарин дастоварди ӯ он аст, ки чанд нафарро тавонистааст ба инсонҳои шоиста табдил диҳад. Маҳз аз ҳамин нигоҳ, метавон гуфт, ки устод Нурмаҳмад Иброҳимов дар тӯли фаъолияти худ сарвати бузургеро ба вуҷуд овардааст. Ин сарват дар зиндагии ҳазорҳо шогирди ӯ таҷассум ёфтааст. Ҳар кори неке, ки яке аз онҳо анҷом медиҳад, ҳар муваффақияте, ки ба даст меорад, ҳар хидмати содиқонае, ки ба ҷомеа мекунад, дар он ҳиссае аз заҳмати омӯзгор низ нуҳуфтааст.

Солҳои зиёд аст, ки мо дигар ҳар рӯз бо устод рӯ ба рӯ намешавем. Дигар дар синфхонаи устод наменишинем ва садои занги дарс моро ба назди тахтаи синф ҷамъ намекунад. Аммо итминон дорам, ки барои ҳамаи мо устод Иброҳимов ҳамон омӯзгоре ҳаст, ки рӯзе дар даст зовиясанҷи чӯбин дошт, бо ҷиддият дарси математика мегуфт, бо меҳрубонӣ аз аҳволи шогирдон мепурсид, дар саҳро меҳнатро ситоиш мекард ва бо як ҷумлаи кӯтоҳ метавонист тамоми умрро тағйир диҳад.

Имрӯз агар аз ман бипурсанд, ки аз устоди математика чӣ омӯхтӣ, ҷавобам дар бораи формулаю теорема ва муодилаҳои метиматикиву геометрӣ нахоҳад буд. Бо ифтихор хоҳам гуфт: Ман аз устоди математика инсон буданро омӯхтам!

Э. ХУШБАХТ

Соли 2026 дар Тоҷикистон беш аз 3,7 миллион ниҳоли дарахти ҳамешасабз ва сояафкану ороишӣ шинонида шуд.

БА ОЗМУНИ «УЛУҒЗОДА – ТАБЛИҒГАРИ ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ»

Шинохти миллат аз дидгоҳи устод Улуғзода

Аввалин асари калонҳаҷми Сотим Улуғзода қиссаи «Ёрони боҳиммат» (1947) мебошад, ки устувории оила, меҳру муҳаббат, эҳтиром нисбат ба рафиқи ҳаётӣ дар он нақши арзанда дорад. Нависанда дар ин қисса моҳирона садоқату вафодории занонеро, ки шавҳарашон баҳри ҳимояи Ватан ба муқобили фашизм меҷангиданд, ба қалам додааст.

Зайнаб пас аз хатти сиёҳ гирифтан, ки гӯё шавҳараш Ҷӯрабек дар майдони муҳорибаҳои шадид қаҳрамонона ҳалок шудааст, баъд аз як соли интизорӣ ба муҳандис Ориф Каримов хонадор мешавад. Аммо пас аз чанд муддат мефаҳмад, ки шавҳараш Ҷӯрабек дар қайди ҳаёт асту дар шифохона (госпитал)-и ҳарбии шаҳри Тошкант аз як дасту пояш маҳрум шуда, бистарӣ гаштааст. Зайнаби содиқу вафодор бе ҳеҷ дудилагӣ на муҳандиси солиму тандурусту пулёб, балки Ҷӯрабеки аз дасту пой маҳрумшударо интихоб мекунад, ки асои дасти росташ, мунису ғамхораш шаваду ба зиндагӣ дилгармаш намояд. Хонанда дар ин амали Зайнаб муҳаббати поку самимиро дармеёбад.

Ҳамзамон, нақши Зайнаб омӯзанда ва боиси ибрати навхонадорон мебошад, ки бештарашон ба душвории зиндагӣ тоб наоварда, ба моҳонаи ками шавҳар тоқат накарда, сабру таҳаммулро аз даст дода, ба шавҳар хиёнат мекунанд ё аз шавҳар зуд чудо мешаванд. Нависанда бо нишон додани амали нақибонаи Зайнаб чиҳати содиқ будан ба оила, дастгирии ҳамдами ҳаётии хеш ҳангоми дардмандию ранҷурӣ, беморию маризӣ чавонон, бахусус, оилаҳои навбунёдро ба сабурию пуртоқатӣ ва таҳаммулпазирӣ даъват менамояд. Зайнаб тимсоли ишқи пок, садоқат, муҳаббат, вафодорӣ ба ҳамсари хуб мебошад. Ин аст ҳадафи нависанда аз офаридани нақши Зайнаб.


«Субҳи чавонии мо» қиссаи тарҷумаҳолӣ буда, соли 1954 таълиф шудааст. Муаллиф ҳангоми таҳсил дар дорулмуаллимин ба донишманди рус, профессор М. С. Андреев шинос мешавад. Олим ба нависанда мегӯяд: «Халқи худро шинос». Ин суханони М. С. Андреев Улуғзодаро ба донишандӯзӣ, масъулиятшиносӣ ва рӯ овардан ба таърихи пургановати миллати худ ҳидоят намуда, ба вай илҳоми тоза мебахшад. Улуғзода дар қисса ёрию мадади халқи рус ба халқи тоҷик, моҳияти дӯстии халқҳои тоҷику русро моҳирона ба қалам додааст.

Нависанда баҳри амалӣ гаштани ормонҳои хеш бо омӯзишу таҳқиқи асарҳои таърихӣ машғул мешавад. Шарҳи ҳол ва эҷодиёти шахсони маъруфу машҳури миллат, чун Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айниро дар асоси сарчашмаҳои муътамади таърихӣ омӯхта, бо асарҳои мондагораш бузургӣ, шуҳрату шаҳомати онҳоро ба чаҳониён муаррифӣ намудааст. Яке аз асарҳои машҳури адиб романи таърихии «Восеъ» ба шумор меравад.

Сотим Улуғзода Восеъро на ҳамчун роҳбари шӯриши деҳқонон, балки як чавонмарди таҳамтану қавиҳайкал ва ҳомию пуштибони камбағалон, бечорагону чафодидагон ва мубориз алайҳи зулму ситам ва барқароркунандаи адлу инсоф тасвир кардааст. Вай меҳнати тоқатфарсои деҳқонон, пойи бараҳнаю шиками носери онҳоро мединду дарун-дарун месӯхт, аммо илоҷе надошт.

Нависанда дар асари худ, пеш аз ҳама, ростию ҳақиқат, инсофу адолат, нангу номус, мардию ҷасорат, некию накукорӣ ва одаму одамгарӣ барин хислатҳои ҳамидаи инсонро дар симои қаҳрамонони мусбат-Восеъ, Ризо, Назир, Муллосафар, Аноргул, Фотима ва Гулъизор нишон дода, табақаи болоии чамъиятро ба ҳамин амалҳои начиби башардӯстона даъват менамояд.

Восеъ медид, ки ҳоким, амлокдор, доруға ва сипоҳӣ хуни мардуми қашшоқу бечораро мисли даррандаи ваҳшӣ мемаканду онҳоро зулму ситам ва ғорат менамоянд. Оқибат косаи сабри Восеъ лабрез гардид ва мардами чабрдидаро ба шӯриш, ба интиқомгирию адолатхоҳӣ даъват намуд. Ҳадафи Восеъ ҳокиму амлокдору бек шудан набуд, балки ҳифзи иҷтимоии мардуми бечора, беҳтар намудани зиндагии онҳо, адолатхоҳию ҳақиқатҷӯӣ, ноил шудан ба зиндагии нисбатан орому осуда буд, ки мехоҳад мардумро аз қашшоқию нодорӣ, гуруснагию камбағалӣ ва зулму ситам начот диҳад. Устод Улуғзода тавассути ин образ орзую омоли мардуми меҳнаткашро тасвир кардааст. Ҳиссиёту тақдири қаҳрамони асар бо мардуми чабрдида пайванди ногусастанӣ дорад, зеро ҳаёту тақдири



Восеъ, орзую омоли вай бо ҳаёту тақдири мардуми бечораю камбағал ва оммаи меҳнаткаш ҳамранг аст. Аз ин рӯ, оммаи чабрдида ва азияткашида дар симои Восеъ ҳомӣ ва начотдиҳандаи худро медид. Аз ин рӯ, дар гирди вай чамъ омада, баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои худ ва амалӣ гардидани ҳадафҳояшон ба мубориза бархостанд. Яъне, нависанда дар романи «Восеъ» худшиносию худогоҳии миллӣ, талошу мубоизаи мардуми чабрдидаро баҳри пиёда намудани ормонҳои чандинасраашон барҷаста нишон додааст.

Ҷасорату далерию мардонагии Восеъ боиси ибрат аст. Вай на аз дору теғу на аз кундаву манор ва на аз обхонаи амири бераҳму бешафқату чаллод сари тарс надорад. Ӯ дар рӯ ба рӯйи амир Абдулаҳадхон бо виқору сари баланд, бе ягон тарсу ҳарос чунин мегӯяд:

– Ман ҳоло асири туам, аммо ба ту сар хам намекунам, аз ту наметарсам!

Нависанда Восеъро тимсоли ҷасорату паҳлавонӣ ва нотарсу шуҷоатманд тасвир кардааст. Вақте ки мардуми бечора марги Восеъро шуниданд, оҳи сард аз дилу пурдард бароварда гуфтанд: «Ёдуш ба хайр, баҳодур будай!»

Сотим Улуғзода соли 1975 қиссаи таърихии «Ривояти суғдӣ»-ро навишт. Вай тавассути ин қисса тавонист хонандаро бо гузаштаи дур шинос намояд. Нишон дод, ки миллаташ ҳеҷ гоҳ ва ҳаргиз назди душманони Ватану ғосибони молу мулк сар хам накардааст, балки то охирин лаҳзаи ҳаёти худ алайҳи онҳо муборизаи беамон бурдааст. Ҳатто Виркани далеру ҷасур маргро аз ғуломию асирӣ беҳтару авлотар медонад ва худро чун Муқаннаъ нобуд мекунад.

Нависанда Хотун-маликаи Бухороро на танҳо дар ҳусну ҷамол зебо ва паричеҳра, балки зани боақлу бофарҳанг, оқилаю доно, адолатхоҳу ботадбир ва меҳанпараст тасвир кардааст. Вай тимсоли қалби пок, зебоӣ ва нафосат аст. Бо адлу дод, бо раъйю тадбир мулку давлатро идора мекунад. Аз ин рӯ, марду зан, пиру барно гӯш ба фармонаш медоданд, эҳтиромаш мекарданду дар гирди ӯ чун як тану ҷон муттаҳид шуда буданд. «Маликаи соҳибҷамол ҳукмдори ботамкин ва боиродае буд» (нашри соли 1977, саҳ.106). Ҳатто душмани ҷону меҳанаш, молу мулкаш-Саид бинни Усмон аз суханронию ботадбирии Малика ангушти ҳайрат мегазаду шефтаи ҳусну ҷамолаш мегардад. Кас қиссаро мутолиа мекунаду ба ақлу маҳорати ин бонуи зебою ботадбир аҳсану офаринҳо мегӯяд.

Устод Улуғзода тавассути нақши ин зани ботадбиру раиятпарвар шоҳони минбаъдаро ба адлу инсоф, ба раиятпарастӣ ва адолатхоҳӣ даъват менамояд. Яъне, вай дар симои Хотун, зан-модари имрӯзаи тоҷикро дидан мехоҳад.

Сотим Улуғзода дар натиҷаи мутолиа ва таҳқиқ медид, ки Фирдавсӣ бо чӣ қадар азобу азият, бо заҳмати зиёда аз сисола як шоҳасарро офарид, аммо аз тарафи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ қадршиносӣ нагардид. Нависанда дар назди худ мақсад гузошт, ки бузургию шаҳомат ва маҳорату истеъдоди муаллифи «Шоҳнома»-ро ба чаҳониён муаррифӣ намояд ва соли 1985 романи «Фирдавсӣ»-ро навишт. Вай тавассути симои Фирдавсӣ дар асар моҳият ва нақши ӯро дар тарбияи ахлоқӣ, меҳанпарастӣ ва ҳувияти миллӣ нишон дода, ба ин васила, номи Фирдавсиро ҷовидонтар гардонид.

Улуғзода дар эҷоди роман ҳамфикри Фирдавсӣ аст, бо ӯ ва дар паҳлуи ӯ гом мебардорад. Тавассути андешаҳои бикри Фирдавсӣ, ки дар «Шоҳнома»-и безаволи вай зикр гардидааст, чавононро ба худогоҳии миллӣ, ҳифзи марзу буми Ватан, нангу номус, одобу ахлоқ, гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори нек даъват менамояд.

Б. ҲАЙДАРОВ,
мактабшинос

ЧАШМАНДОЗ

МАОРИФИ ҶАҲОН



КОМОР

Давлати Комор солҳои охир ба беҳтар намудани дастрасии кӯдакон ба таҳсил диққати ҷиддӣ медиҳад. Таҳсилоти ибтидоӣ дар кишвар ҳатмӣ буда, давлат бо дастгирии шарикони байналмилалӣ барои зиёд намудани шумораи мактабҳо ва беҳтар кардани сифати таълим тадбирҳо меандешад. Яке аз ҳадафҳои асосӣ баланд бардоштани сатҳи саводнокӣ ва кам кардани тарки таҳсил мебошад.

Дар баробари ин, таваҷҷуҳ ба рушди таҳсилоти томактабӣ низ бештар шудааст. Забонҳои фаронсавӣ, арабӣ ва коморӣ дар низоми таълим мавқеи муҳим доранд.

НИКАРАГУА

Дар Никарагуа таҳсил дар мактабҳои давлатӣ ройгон буда, давлат барои таъмини дастрасии кӯдакон ба таҳсил чораҳои гуногун меандешад. Солҳои охир таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди таҳсилоти ибтидоӣ, касбӣ ва саводомӯзии калонсолон равона шудааст.

Ҳукумати кишвар, инчунин, истифодаи технологияҳои рақамиро дар муассисаҳои таълимӣ тадриҷан васеъ мекунад. Соли 2026 барномаҳои вобаста ба рушди малакаҳои рақамӣ ва беҳтар намудани сифати таълим бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ идома ёфтанд. Дар минтақаҳои худмухтор ба забонҳои маҳаллии аҳолии бумӣ низ таълим дода мешавад. Ин сиёсати бисёрзабонӣ барои ҳифзи фарҳанги миллӣ аҳаммияти калон дорад.

ЛУБНОН

Лубнон яке аз кишварҳои Ховари Миёна ба шумор меравад. Ҳукумати кишвар бо дастгирии ЮНЕСКО ва ЮНИСЕФ барои ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ба таҳсил ва барқарор намудани фаъолияти мактабҳо тадбирҳои нав меандешад. Дар охири соли 2025 Лубнон Стратегияи миллии «Маорифи сабз»-ро оғоз намуд, ки ҳадафи он ворид намудани масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ба барномаҳои таълимӣ мебошад. Ҳамзамон, пас аз осеб дидани садҳо мактаб бар асари низоъҳо, созмонҳои байналмилалӣ барои барқарорсозии онҳо маблағгузориро идома медиҳанд.

ЗИМБАБВЕ

Зимбабве яке аз кишварҳои Африқо мебошад, ки сатҳи саводнокии аҳолиаш нисбатан баланд аст. Забони англисӣ забони асосии таълим дар аксари мактабҳо буда, ҳамзамон, як қатор забонҳои миллӣ низ омӯзонида мешаванд. Давлат барои рушди таҳсилоти техникӣ ва касбӣ аҳаммияти махсус медиҳад, то чавонон малакаҳои зарурии бозори меҳнатро соҳиб шаванд.

Солҳои охир истифодаи технологияҳои рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ низ тадриҷан васеъ мегардад. Бисёре аз хатмкунандагони мактабҳои кишвар таҳсилро дар донишгоҳҳои хориҷӣ идома медиҳанд.

ДОМИНИКА

Дар Доминика таҳсилоти ҳатмӣ аз зинаи томактабӣ оғоз шуда, то таҳсилоти миёна идома меёбад ва давлат барои беҳтар намудани дастрасии кӯдакон ба омӯзиш маблағҳои назаррас чудо мекунад. Дар мактабҳои давлатӣ синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо компютер, интернет ва тахтаҳои электронии муосир тадриҷан зиёд мешаванд. Ҳукумати кишвар, инчунин, ба рушди фанҳои технология, муҳандисӣ ва математика (STEM) аҳаммияти махсус медиҳад, то хонандагон ба талаботи бозори меҳнати муосир мутобиқ гарданд.

Яке аз ҳадафҳои асосӣ, баланд бардоштани маҳорати рақамии омӯзгорон ва истифодаи усулҳои нави таълим мебошад. Ҷумҳурии Доминика яке аз кишварҳои пешсафи ҳавзаи Кариб дар самти рақамикунонии низоми маориф ба ҳисоб меравад.

Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,
«Омӯзгор»

ТОЗАНАШР

Рушди таҳсилот дар замони соҳибистиқлолӣ

Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби олимону кормандони Академияи таҳсилоти Тоҷикистон китоби «Истиқлоли давлатӣ ва рушди таҳсилот дар Тоҷикистон» ба табъ расид.

Дар мақолаҳои китоб нақши иқдом ва ташаббусҳои хирадмандонаю созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳаввулоти мазмуну моҳияти таълим, ҳамгироии низоми маорифи миллӣ ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ва ташаккули мактаби миллӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст.

Раванди ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ба низоми маорифи ҳамаи кишварҳо, аз ҷумла, Тоҷикистон таъсири чашмрас гузоштааст. Яке аз масъалаҳое, ки дар баррасии китоб баррасӣ шудааст, тавозуни миёни ҳамгироии байналмилалӣ ва ҳифзи хусусиятҳои миллии низоми таҳсилот мебошад. Маҷмуаи мазкур фарогири мавзуъҳои умдаи низоми маорифи кишвар буда, ҷараёни рушду пешрафти соҳаи таҳсилот дар замони Истиқлоли давлатиро бозтоб менамояд.

Ҷамолиддин АБДУЛОВ,
корманди илмии Осорхонаи маорифи АТТ

Нахустнамоиши филми муштараки Тоҷикистону Ӯзбекистон – «Дурахши ахтарон: Ҷомӣ ва Навоӣ» дар арафаи ҷашни Истиқлолияти давлатӣ баргузор мегардад.

Эй бародар, манеҳ ба ғайбат рӯй,
Ки бувад рӯсиёҳ ғайбатгӯй!
Камолиддини Биной

ЁДЕ АЗ МУҲАҚҚИҚИ ТАВОНО

ПАЖУҲИШГАРЕ ДАР ОИНАИ ЗАМОН

Дар муҳити илмию фарҳангии тоҷикон исми муҳаққиқ, шодравон Пайванди Гулмуродзода бо пажуҳишҳои фарогир ҷойгоҳи махсус дорад. Аз таҳлили нигоштаҳои муҳаққиқ маълум мегардад, ки ӯ ба масъалаҳои муҳим, аз қабили худшиносии миллӣ, забон, таърих, фарҳанг, матбуот ва маориф диққати махсус зоҳир намуда, асарҳои мондагор таълиф кардааст.



Боид қайд кард, ки қисмати асосии фаъолияти илмии П. Гулмуродзода ба таҳқиқи таърихи матбуоти тоҷик ихтисос ёфтааст. Ӯ аз ҷумлаи нахустин муҳаққиқоне ба шумор меравад, ки ба омӯзиши рӯзномаи аввалини тоҷикии «Бухорои шариф» дар шароите, ки дастрасӣ ба шумораҳои ин нашрия барои муҳаққиқон маҳдуд буд, машғул шудааст. Бо такя ба чунин заминаи сарчашмавӣ муҳаққиқ имконият пайдо кардааст, ки равандҳои ташаккул ва рушди матбуоти тоҷикро на танҳо ба таври тавсифӣ, балки дар қолаби таҳлили муназзам ва таърихию муқоисавӣ баррасӣ намояд. Устод Гулмуродзода дар сухбатҳои инфиродӣ нияти ба шакли таҳқиқоти мукаммал ҷамъбаст намудани даврaҳои таърихии матбуоти тоҷикро таъкид мекарданд, аммо сад дареғ, ки умр вафо накард, то ин орзуи деринааш амалӣ шавад.

Матбуот дар таҳқиқи Пайванди Гулмуродзода ҳамчун манбаи муҳимми таърихӣ, нишондиҳандаи сатҳи шуури ҷамъиятӣ ва воситаи муборизаи фикрӣ ифода меёбад. Бо такя ба чунин дидгоҳ, муҳаққиқ ҳангоми таҳқиқи матбуоти ибтидои асри XX онҳоро ҳамчун омили фаъоли ташаккулдиҳандаи равандҳои иҷтимоию сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аз ҷумлаи ибтикорот ва саҳми намоёни устод П. Гулмуродзода дар муаррифӣ ва эҳёи арзиши таърихии рӯзномаи «Бухорои шариф» мебошад, ки ба ташаккули анъанаи таҷлили Рӯзи матбуоти тоҷик (11 март) асос гузоштааст.

Яке аз мавзуъҳои меҳварии осори устод таҳқиқи масъалаҳои равшангарӣ ва маорифпарварии ибтидои асри XX мебошад. Силсилаи мақолаҳои «Заминаҳои иҷтимоии ташаккули маорифпарварӣ дар Бухоро», «Инқилоби фикрӣ ва оғози бедорӣ дар Бухоро», «Оғози бедорӣ ва худшиносӣ», «Маорифпарварӣ ва низоми нави ҷаҳон» намунае аз пажуҳишҳои ӯ мебошанд. Дар ин мақолаҳо муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва матолиби адабиву публитсистӣ омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии зуҳури инқилоби фикрӣ дар Бухоро, қафомондагии Аморати Бухоро ва таъсири муҳити иттилоотии беруна, аз ҷумла, матбуоти хориҷиро таҳқиқ намудааст.

Ӯ дар шаклгирии афкори маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳии инқилоби Бухоро нақши ду омилро муҳим медонад: якум, пайдоиш ва ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ; дуюм, таъсири адабиёти маорифпарварии тоҷик, ба вижа, осори аллома Аҳмади Дониш ва адабиёту матбуоти халқҳои дигар, ки дар камолоти тараққипарварону ислоҳотхоҳон ҳиссаи муносиб гузоштааст.

Таҳқиқоти дигари устод Пайванди Гулмуродзода ба масъалаҳои забон ва мубоҳисаҳои матбуотӣ дар атрофи забони тоҷикӣ, ки дар солҳои 20-уми асри гузашта дар рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ доман густурда буданд, алоқамандӣ дорад. Масъалаи ҳифзи покизагии забон ва муқовимат ба таҳрифи онро ҳамчун вазифаи иҷтимоӣ баррасӣ намуда, таъкид менамояд, ки забон воситаи ҳифз ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин замина, яке аз ташаббусҳои муҳимми мавсуф гирдоварӣ ва таҳияи силсилаи мубоҳисаҳои матбуотии солҳои 20-ум ва ибтидои даҳаи 30-юми асри XX дар атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ ва тақсимоти ҳудудии миллӣ дар Осиёи Миёна ба шумор меравад. Ин мубоҳисаҳоро, ки асосан миёни равшанфикрони тоҷик дар давраи ҳассосу тақдирсоз дар саҳифаҳои рӯзномаҳои тоҷикӣ ҷараён дошганд, аз хатти форсӣ ба хатти кириллӣ баргардон ва дар шакли маҷмуаи алоҳида бо пешгуфтори муфассал таҳти унвони «Забон ва худшиносии миллӣ» ба нашр расонидааст.

Устод Пайванди Гулмуродзода дар заминаи зиндагӣ ва кору пайкори як зумра аз маорифпарварон ва сарсупурдагони матбуоти тоҷик низ пажуҳишҳои арзишманд анҷом дода, муҳимтарин бахши осори онҳоро барои хонандаи имрӯзаи тоҷик дастрас намудааст. Таҳияву тадвини маҷмуаи мақолоти Сайидризо Ализода «Маслаки мо ҳақ» ва асарҳои Абдурауфи Фитрат «Мунозара», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Шӯриши Восеъ», «Оила ё худ вазоифи хонадорӣ» аз ҷумлаи иқдомҳои ӯ дар самти эҳё ва муаррифии мероси маорифпарварон ба ҳисоб меравад.

Аз муҳтавои таҳлили фаъолияти илмию публитсистии устод Пайванди Гулмуродзода бармеояд, ки дар онҳо роҳҳои ташаккули худшиносии миллӣ ифода меёбад. Бахусус, дар шароите, ки ҷаҳони муосир бо тағйироти босуръат рӯ ба рӯст, ниёз ба чунин андешаи амиқ ва таҳлили ҷиддӣ барои шинохт ва гиромидошти арзишҳои миллӣ бештар эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, муҳтавои осори муҳаққиқ Пайванди Гулмуродзодаро метавон ҳамчун саҳми назарраси эшон дар рушди андешаи миллӣ ва илмию фарҳангии ҷомеаи тоҷик арзёбӣ кард, ки дар навбати худ чунин мавқеъгирӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми рушди тафаккури миллӣ ва худшиносӣ хидмат намояд.

Дар идомаи ин бардошт, ҳамзамон, таъкид карданием, ки осори Пайванди Гулмуродзода бо фарогирӣ, амиқият ва аҳаммияти иҷтимоиву фарҳангии худ ба сифати объекти мустақили таҳқиқоти илмӣ аз арзиши баланд бархӯрдор аст. Таҳлили жанрӣ, методологӣ ва консептуалии фаъолияти пажуҳишии ин муҳаққиқ метавонад самтҳои нави таҳқиқро дар соҳаҳои публитсистика, забоншиносӣ, таърих ва фарҳангшиносӣ боз намояд. Аз ин рӯ, зарур ва ба маврид аст, ки дар оянда осори муҳаққиқ ва донишманди саршиноси тоҷик Пайванди Гулмуродзода дар шакли таҳқиқоти амиқ, аз ҷумла, рисолаҳои номзадӣ мавриди омӯзиши мукаммал қарор дода шавад.

Фаридун РАҲМОНЗОДА,
рӯзноманигор

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

МУАММОИ «ОМӮЗИШ»


Аз боло ба поён:

1. Воситаи шустушӯй. 2. Оромӣ, осоиштагӣ. 3. Навъи маймун. 4. *** пур, ҷумҳурӣ дар қитъаи Осиё. 6. Хоб дидан, он чи ки инсон дар хоб мебинад. 7. Нанг ва ***. 8. Намоядаи комилҳуқуқи як давлат дар давлати дигар, фиристода. 9. Мавзеъ, деҳа дар ноҳияи Рӯдакӣ, дар даромадгоҳи пойтахт. 10. Шоири адабиёти классикии ӯзбек, муаллифи достони «Фарҳод ва Ширин». 11. Навъи харбуза. 15. Кураи арз. 16. Тошхоҷа ***, шоири зуллисонайн. 17. Муқобилмаънои «қиммат».18. Жанри адабӣ.

Аз чап ба рост:

1. Як соҳаи илми забоншиносӣ. 5. Ангурфурӯшро бо арабӣ гӯянд. 6. «То расӣ *** - анчарро кунӣ бе шоху барг» (Ҳабиб Юсуфӣ). 9. Давлат дар қитъаи Африқо. 12. Қаҳрамони қиссаи «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзода. 13. Муродифи «мактуб». 14. ***ка, нидои шодмонӣ (дар илми физика), ки ҳангоми дарк ва кашфи чизе гуфта мешавад. 15. Гиёҳи шифобахш. 17. Дарё. 19. Шакли феълӣ дар забони тоҷикӣ. 20. Амрикои… 21. Хушнавис, котиб. 22. Навъи ҳиссача. 23. Ҳиссачаи инкорӣ дар забони немисӣ.

Муратгиб Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»



Ҷавоби муаммои «Вектор» («Омӯзгор», №27, 08.07.2026)

1. “Забони миллат - ҳастии миллат”. 2. Темурмалик. 3. Келдӣ. 4. Ишкошим. 5. Муаллим. 6. Мадраса. 7. Ара 8. Акҳа. 9. Аспирантура. 10. Авесто. 11. Омор. 12. Регистон. 13. Ниагара. 14. Африка. 15. Афғонистон. 16. Некрасов. 17. Вектор. 18.Ректор. 19. Рушан. 20. Нигина. 21. Астат. 22. Тошканд. 23. Данғара. 24. Амиршоева. 25. Ашт. 26. Тут. 27. Товус. 28. Спартак. 29. Корд. 30. Дутор. 31. Реостат. 32. Тобистон. 33. Насиҳат. 34. Тарбуз.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи АБ №105008 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 2002 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №65-и ноҳияи Шоҳмансур ба Назаров Насим Каримдодович додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи гумшудаи ДТО №0109668, ки онро соли 2011 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Шерова Меҳринисо Аскархоновна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0692904, ки онро соли 2019 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Қутбудинова Идигул Хуршедовна додааст, эътибор надорад.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН ШОЛИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Анвар САФАРЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА
(ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА
(муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
(шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ
(ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ
(вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА
(вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61
(масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА
(ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44645 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ш. Раҷабзод